Мувофиқа шудааст:
Бо Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» марти соли 2014 тасдиқ карда шудааст
___________Тағоева С.

Тасдиқ мекунам:
Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» марти соли 2014 тасдиқ карда шудааст
___________Ҳасанова Г.К.

**Дастурамал**
**оид ба шумора, фонди музди меҳнат ва вакти кории кормандони кироя[1]**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали мазкур ҳамчун роҳнамо барои тартиб додани ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат барои вазорату идораҳо, корхонаҳо, иттиҳодияҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо[2] новобаста аз шакли моликият, пешбинӣ шудааст. Ба таври истисно корхонаҳои шахсӣ, ки меҳнати кирояро истифода намебаранд, ҳисобот тартиб намедиҳанд.

Мансуб донистани объектҳои баҳисобгирии оморӣ ба ин ё он намуди моликият ё шакли фаъолияти ташкилию ҳуқуқӣ, бо назардошти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани мақоми корхона гурӯҳбандии зеринро ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст:

- бахши давлатӣ - корхонаю муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои иҷоравӣ, консернҳо, ассосиатсияҳо, иттиҳодияҳои байни соҳавӣ.
- бахши хусусӣ - корхонаҳои иҷоравӣ, рафиқонаи пурра, ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушодаю пӯшида, дигар корхонаҳои хусусӣ-шахсӣ, ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд, хоҷагиҳои деҳқонӣ (дорои шахсӣ-ҳуқуқӣ), хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ[3];
- бахши колективӣ – хоҷагиҳои кишоварзии коллективӣ, хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, кооперативҳои истеҳсоли молу хизматҳо, корхонаҳои кооператсияи матлубот (истеъмолӣ), ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фондҳо;

---

[1] Мувофиқи стандартҳои байналхалқӣ истилоҳи кормандони кироя ин шахсоне мебошанд, ки дар корхонаҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ кор мекунанду музди меҳнат, моҳона подош мегиранд (қаблан ҳамчун истилоҳи «коргар, хизматчӣ» амал мекард)

[2] Минбаъд «корхонаҳо» номбар карда мешаванд.

[3] Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродие, ки меҳнати кирояро истифода мебаранд ва пешбурди ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ба роҳ монда шудааст.

- корхонаҳои муштарак;
- корхонаҳои шакли моликияташон омехта.

2. Ҳисобот оид ба меҳнатро ҳамаи корхонаҳое, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд, бояд тартиб диҳанд ва пешниҳод намоянд.

Маълумотҳо оид ба воҳидҳои сохторӣ, ҷузъу томҳои ғайримустақил (истеҳсолӣ, сехҳо, шӯъбаҳо, қитъаҳо, фермаҳо, бригадаҳо, звенаҳо, бюроҳо, лабораторияҳо ва дигарҳо) ба ҳисобот оид ба меҳнати ҳамон корхона ҳамроҳ карда мешаванд, ки дар тавозуни он қарор дошта бошанд.

Воҳидҳои сохторӣ, ки тавозуни алоҳида доранд ва суратҳисоб дар муассисаҳои бонкӣ доранду ба ҳайати иттиҳодияе дохил мешаванд, ки дар ҳудуди дигар вилоят қарор доранд, нисбат ба воҳиди сарсохтор (корхонаи асосӣ) иттиҳодия ҳисоботи омориро ба воҳиди сохтор (корхонаи асосӣ) ё ба супориши вай худи воҳидҳои сохторӣ ба мақомоти омори маҳаллӣ, ки воҳидҳои сохторӣ дар онҷо қарор доранд, пешниҳод менамоянд. Иттиҳодия дар ин мавридҳо ба мақомоти омории дар маҳалли ҷойгирифтаи воҳиди сарсохтор (корхонаи асосӣ) умуман дар қатори ҳисоботи иттиҳодия, ҳисоботи бе маълумот аз рӯи воҳидҳои сохторӣ, ки дар ҳудуди дигар вилоят қарор дорад, пешниҳод менамоянд.

3. Ҳисоботи оморӣ оиди меҳнат ба таври қатъӣ барои давраи муқарраршуда: моҳона, семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва барои як сол тартиб дода мешавад. Ҳисоботи якмоҳа барои давраи аз рӯзи аввал то охири моҳ (пурра)-и ҳисобот, ҳисоботи семоҳа барои давраи аз санаи якуми моҳи аввали семоҳа то санаи охирини семоҳаи моҳи сеюми семоҳаи ҳисобот (пурра), солона барои давраи аз 1 январ то 31 декабр пешниҳод карда мешавад.

4. Ҳисобот оид ба меҳнат мувофиқи муҳлати муқарраршуда ва суроғаи дар шакли ҳисобот нишон додашуда, ки тасдиқ карда шудааст пешниҳод карда мешавад. Ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат бо дермонӣ пешниҳодшуда ё дар вақти муқарраршуда пешниҳоднашуда вайрон кардани интизоми пешниҳоди ҳисобот мебошад.

5. Талаботҳои асосӣ ҳангоми тартиб додани ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат ин бо пуррагӣ ва мӯътамаднок пур кардани маълумотҳои ҳисобот мебошад. Роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон барои пуррагӣ ва мӯътамадии маълумотҳои ҳисобот ва саривақт пешниҳод кардани ҳисобот пурра масъулият ва ҷавобгариро ба ӯҳда доранд.

Барои риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи омори давлатӣ ба мақомоти дахлдори оморӣ, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан ифода меёбад, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ё дигар маълумоти зарурӣ барои мушоҳидаҳои омории давлатӣ ва феҳристҳои давлатии воҳиди оморӣ, мувофиқи моддаҳои 515, 516 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат дар корхонаҳо дар асоси шаклҳои якхела кардашудаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалия бояд тартиб дода шавад. Шаклҳои асосии баҳисобгирии аввалия оид ба меҳнат аз инҳо иборатанд: фармонҳо (супоришҳо) дар бораи ба кор қабул кардан, ба дигар кор гузаронидан, қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ; корти шахсӣ; сабт дар бораи рухсатӣ, варақаи баҳисобгирии истифодаи вақти корӣ ва музди меҳнат; рӯйхати ҳисобу китоби пардохтӣ; рӯйхати ҳисоббаробаркунӣ; рӯйхати пардохт: суратҳисоб ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар вақту тартиботи муқарраршуда, тасдиқ карда шудаанд.

6. Қайд дар табели баҳисобгирии истифодаи вақти корӣ дар бораи сабабҳои ба кор набаромадан, дар бораи рӯзи кории нопурра, дар бораи корҳои барзиёдатӣ ва дигар ақибмониҳо аз шароити мӯътадили корҳо, танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои ба таври лозимӣ тартиб додашуда (варақаи корношоямӣ, варақаи бекористӣ, тасдиқнома (справка) дар бораи иҷрои ӯҳдадории давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва ғайраҳо) бояд анҷом дода шаванд.

7. Дар мавридҳое, ки агар дар давоми давраи ҳисобот аз як корхона ба дигар корхона додани воҳиди сохторӣ ва ҷузъу том ҷой дошта бошад, дар он сурат дар ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат корхонаи додашуда, ки маълумотҳоро нишон додааст, аз давраи аввали сол хориҷ карда мешаванд ва ба ҳисоботи ҳамон корхонае дохил карда мешаванд, ки ба ҳайати вай ин воҳидҳои сохторӣ ва ҷузъу томҳо низ дар аввали сол қабул карда мешаванд.

Ҳангоми барҳамхурӣ дар давраи ҳисобот корхона ё ягон ҷузъи томи сохтор маълумотҳоро барои давраи масъулияти онҳо аз аввали сол то лаҳзаи барҳамхурии вай аз ҳисоботи оид ба меҳнат хориҷ карда намешаванд.

Ҳангоми тағйир ёфтани шакли ҳуқуқию ташкилии корхона, маълумотҳо аз рӯи мақоми нави корхона аз моҳ баҳисоб гирифта мешавад, дар он корхонае, ки ин тағйирот ба вуҷуд омадааст; маълумотҳо барои моҳи гузашта аз аввали сол аз рӯи мақоми пештара аз ҳисоботи оид ба меҳнат ҳамроҳ карда намешаванд.

8. Дар ҳолати тағйир ёфтани сохтори корхона дар давраи ҳисобот ё методологияи муайян намудани нишондиҳандаҳо оид ба меҳнат маълумотҳо барои давраи дахлдори соли гузашта аз рӯи сохтор ё методологияе, ки дар давраи ҳисобот қабул карда шудааст, анҷом дода мешавад.

9. Ҳангоми ошкор шудани изофанависӣ ва дигар таҳрифҳо дар ҳисоботи оид ба меҳнат ислоҳи маълумотҳои ҳисоботи корхонаҳо дар ҳисоботҳои ҳамон давраи ҳисобот (моҳ, семоҳа, сол) анҷом дода мешавад, ки дар онҳо изофанависӣ ва дигар таҳрифҳо роҳ дода шудаанд,

дар маълумотҳои ҷамбастии ин ҳисобот инчунин дар ҳамон ҳисоботҳои пештара роҳ дода шудаанд.

## 2. Ҳайати дар рӯйхатбудаи кормандон.

10. Ба рӯйхати ҳайати кормандони корхона бояд ҳамаи кормандони доимӣ, мавсимӣ, ҳамчунин кормандони муваққатӣ, барои як рӯз ва зиёдтар ба кор қабул карда шудаанд, дохил карда шаванд. Дар ин маврид, чи кормандони аслан коркунанда ва чӣ муваққатан бекору аммо расман ҷои корро ҳифз кардаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

11. Ба рӯйхати ҳайати кормандон дохил карда мешаванд:

11.1 кормандоне, ки дар асл ба кор ҳозиранд, аз ҷумла онҳое, ки ба сабаби бекористӣ кор накардаанд;

11.2 ба кор қабул карда шудаанду аммо мӯҳлати озмоишӣ муқаррар карда шудааст, ин кормандон бояд аз рӯзи аввали ба кор баромаданашон ба рӯйхати ҳайати кормандон ҳамроҳ карда шаванд;

11.3 кормандоне, ки ба рӯзи кории нопурра ё ба ҳафтаи кории нопурра ба кор қабул карда шудаанд. Ба шумораи рӯйхати кормандони нишондодашуда барои ҳаррӯзи тақвимӣ ҳамчун воҳиди бутун, аз ҷумла рӯзҳои ғайрикории ҳафта, ки ҳангоми қабул шартан ба кор қабул карда шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд (ниг. банди 24);

Ба ин шумора низ кормандоне ҳамроҳ карда мешаванд, ки ба рӯзи кории нопурра (ҳафтаи кории нопурра) ба ташаббуси маъмурият гузаронида шудаанд. Тавсия дода мешавад, ки онҳоро дар ҳисобот ҷудо кунанд, бо назардошти он ки дар асоси маълумотҳои нишондодашуда нишондиҳандаҳои қисман машғул (қисман бекорӣ) таҳия карда мешаванд.

Тавзеҳот. Ба ин гурӯҳ категорияҳои ҷудогонаи кормандон таалуқ надоранд, мувофиқи қонунгузорӣ кӯтоҳ кардани давомнокии вақти корӣ аз ҷумла, ба кормандони аз 18 сола ҷавонтар; дар корҳои шароитҳои зарарнок машғуланд; ба заноне, ки дар кор барои синамаконии кӯдак танаффуси иловагӣ дода шудааст, муқаррар карда мешавад.

11.4 ба сафари хизматӣ машғул бошанд, агар музди кори онҳо дар корхонаи мазкур ҳифз шуда бошанд, аз ҷумла кормандоне, ки дар сафари хизматии кӯтоҳмуддат дар хориҷа қарор дошта бошанд;

11.5 кормандоне, ки дар бораи иҷрои корҳо дар хона бо кори шахсӣ (кори хонагӣ) бо корхона шартномаи меҳнатӣ бастанд. Ба рӯйхати шумораи кормандон хонакор барои ҳар рӯзи тақвимӣ ҳамчун воҳиди бутун ба ҳисоб гирифта мешаванд (ниг. банди 25);

11.6 кормандоне, ки бо супориши махсус берун аз корхона кор мекунанд, агар онҳо музди меҳнатро аз ҳамин корхона гиранд;

11.7 кормандоне, ки барои иҷрои корҳои навбатдорию посбонӣ фиристонида шуда бошанд;

11.8 кормандоне, ки аз рӯи қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта (аз ҷумла қарордоди қудратӣ) корҳоро иҷро намоянд, агар ҳисобу китоби корҳои иҷрошуда бевосита аз тарафи худи корхона анҷом дода шавад ва дар шароите, ки кормандон дар рӯйхати дигар корхонаҳо қарор надошта бошанд (ниг. банди 13.2);

11.9 кормандоне, ки барои ба ивази кормандони ғоиб (ба сабаби беморӣ, рухсатӣ бо сабаби ҳомила ва таввалуд, рухсатӣ оид ба нигоҳубини кӯдак) қабул карда шудаанд;

11.10 муваққатан аз дигар корхонаҳо кормандони ҷалбкардашуда, агар барои онҳо музди кор дар ҷои кори асосӣ ҳифз карда нашавад;

11.11 шаҳрвандони солхӯрда ва маъюбоне, ки дар хона-интернатҳои пиронсолон ва маъюбон истиқомат доранду ба кор ба вазифаи корманди хурди тиббӣ ё ба ин муассиса ҳамчун коргар бо рӯзи кории нопурра қабул карда шудаанд;

11.12 донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва хонандаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, махсус ва касбию техникӣ, ки дар корхона таҷрибаи истеҳсолӣ мегузаронанд ва ба ҷои кор ё вазифа қабул карда шудаанд;

11.13 донишҷӯёни шӯъбаҳои рӯзонаи мактабҳои олӣ ва аспирантураҳое, ки ба бахшҳои илмӣ–тадқиқот барои иҷрои корҳо ҷалб карда шудаанд дар сурате, ки онҳо дар басти (штати) мансабӣ қабул карда шуда бошанд;

11.14 хонандаҳои идоравӣ (соҳавӣ)-и омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, ки дар тавозуни корхона қарор доранд;

11.15 коргарон-мутахасисони дигар мамлакатҳое, ки дар корхонаҳои муштарак ё мувофиқи шартнома дар сохтмони объектҳо ва дар дигар корхонаҳои дар ҳудуди мамлакат ҷой гирифтаанд, кор мекунанд, агар ҳаққи меҳнати онҳо аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт шаванд;

12. ба рӯйхати ҳайат кормандоне низ дохил карда мешаванд, ки муваққатан дар корхона кор намекунанд;

12.1 ба сабаби беморӣ ба кор ҳозир нашудаанд (дар давоми тамоми давраи беморӣ то бозгаштан ба кор мувофиқи варақаи тиббии корношоямӣ ё то аз кор рафтан ба сабаби маъюбӣ);

12.2 кормандоне, ки ба сабаби иҷрои ӯҳдадориҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба кор ҳозир нашудаанд;

12.3 муваққатан ба корҳои саҳроии кишоварзӣ ва дигар корҳо ҷалбкардашуда, агар барои онҳо музди меҳнат пурра ва ё қисман дар ҷои кори асосӣ ҳифз шавад;

12.4 ба сафари хизматӣ барои ҷамъоварӣ ва ҳамлунақли ғалла ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, барои ҷамъоварии ҳосил ба онҳо мувофиқи Қарори Ҳукумат дар ҷои кори асосӣ 75 фоизи музди миёнаи меҳнат ба ивази хӯроки шабонарӯзӣ ва пардохти пули квартира

(ронандаҳои нақлиёти автомобилӣ, коргарони оид ба таъмир, механикҳо, сардорони автобазаҳо; навбатдорони хоҷагиҳои автомобилӣ, тракторчиҳо-мошинистҳо ва дигар механизаторон ҳифз карда мешаванд (ниг. банди 22.3);

12.5 ба сафари хизматӣ барои иҷрои корҳои бинокорӣ, васлкорӣ, танзимгарӣ, ки иловапулӣ ва музди кор ба ивази хӯроки шабонарузӣ ва пардохти пули квартира, ба андозаи 50-75 фоизи ставкаи тарифӣ (маоши вазифавӣ) мувофиқи Қарори Ҳукумат дар ҷои кори асосиашон пардохта мешаванд. (ниг. банди 22.4);

12.6 кормандоне, ки ба қатъ кардан аз корҳо ба донишкадаҳо ва ба факултаҳои такмили ихтисос, ба комбинатҳои таълимӣ, ба курсҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани тахассус ё дарёфт кардани касби нав (ихтисоси нав) фиристода шудаанд, агар барои онҳо музди корашон ҳифз карда шавад;

12.7 кормандоне, ки дар рухсатии пардохташавандаи солона, рухсатиҳои иловагии ҳарсола, ки дар мавридҳои дар қонунгузори пешбинишуда, карордодҳои коллективӣ ё дигар санадҳои маҳдуд карор доранд;

12.8 кормандоне, ки ба сабаби ҳомила ва таввалуд дар рухсатӣ қарор доранд, ҳамчунин ба сабаби фарзандӣ қабул кардани кӯдаки навзод бевосита аз тавваллудхона дар рухсатӣ қарор доранд (ниг. банди 22.1);

12.9 кормандоне, ки мувофиқи қонунгузорӣ барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба синни муайян ҳамчун қисман пардохташаванда дар рухсатӣ мебошанд, ё дар рухсатии иловагии бе ҳифзи музди меҳнат карор доранд (ниг. банди 22.2);

12.10 хонандаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, миёнаи касбӣ (махсус), ки дар шӯъбаҳои шабонаю рӯзона таҳсил менамоянд, аспирантҳои ғоибхон, шабона (сменавӣ) хонандаҳои омӯзишгоҳои ибтидоӣ-касбӣ (касбӣ-техникӣ), хонандаҳои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар рухсатиҳои таълимӣ бо ҳифзи қисман ё музди пурраи кор қарор доранд (ниг. банди 22.6);

12.11 хонандаҳои курсҳои охирони муассисаҳои таълимии шабона, рӯзонаи олӣ ва миёнаи махсус, ки дар рухсатиҳои бе ҳифзи музди меҳнат қарор доранд, инчунин кормандоне, ки ба муассисаҳои таълимии олӣ ё миёнаи махсус дохил мешаванду барои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ дар рухсатии бе ҳифзи музди кор қарор доранд (ниг. банди 22.6);

12.12 хонандаҳои муассисаҳои таълимии шабона ва ғоибонаи олӣ ва миёнаи махсус, инчуни хонандаҳои шабонаи (сменавӣ) мактабҳои ғоибонаи таҳсилоти умумӣ, ки дар кор ҳозир нестанд, бо пешниҳод ба онҳо рӯзҳои иловагии озод, новобаста аз он, ки ба онҳо дар ин рӯзҳо музди меҳнат ҳифз мешаванд;

12.13 кормандоне, ки бо иҷозати маъмурият бе ҳифзи музди кор аз рӯи вазъияти оилавӣ ва дигар сабабҳои узрнок (бо ташаббуси корманд) дар рухсатии кӯтоҳмуддат қарор доранд;

12.14 кормандоне, ки бе ҳифзи музди меҳнат ё қисман ҳифз намудани музди меҳнат бо ташаббуси маъмурият дар рухсатӣ мебошанд;

12.15 иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки кор мекунанду бе ҳифзи музди меҳнат рухсатии иловагӣ мегиранд. Занони корманд, ки ду ва ё зиёдтар кӯдак доранду барои нигоҳубини кӯдакон бе ҳифзи музди меҳнат, мувофиқи қонунгузории амалкунанда дар рухсатӣ қарор доранд;

12.16 беморони нашъаманду майзада, ки дар шӯъбаҳои муассисаҳои муолиҷавии касалиҳои руҳӣ ва нашъамандию майзадагӣ барои меҳнат дар корхона ҷалб карда шудаанд бо мақсади муолиҷа (ниг. бандҳои 22.5 ва 23);

12.17 кормандоне, ки мувофиқи ҷадвали кори корхона рӯзҳои рухсатӣ доранд, инчунин барои изофакорӣ ҳангоми баҳисобгирии ҷамбасти вакти кори рӯзҳои рухсатӣ доранд;

12.18 кормандоне, ки барои кор дар рӯзҳои истироҳат ё рӯзҳои ид (рӯзҳои ғайрикорӣ ) рӯзҳои рухсатӣ гирифтаанд;

12.19 кормандоне, ки дар корпартоӣ иштирок доранд;

12.20 кормандоне, ки ғайриҳозирӣ доранд, аз он ҷумла кормандоне, ки ба ҷои маъмурият гирифтори ҳуқуқвайронкунӣ шудаанд;

12.21 кормандоне, ки то қарори суд дар зери таҳқиқи ҷиноят мебошанд;

13. кормандони зерин ба рӯйхати ҳайат дохил карда намешаванд;

13.1 кормандоне, ки барои иҷрои корҳои яквақта ҷалб карда шудаанд (маслиҳати духтурҳо дар муссисаҳои тиббӣ, корҳо оид ба санҷиш (экспертиза) таъмири асбобҳо, сафедкунию рангмонӣ ва ғайраҳо);

13.2 кормандоне, ки аз рӯи қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ корҳоро иҷро менамоянд (аз ҷумла қарордод оид ба пуррагии корӣ) агар ин кормандон дар рӯйхати дигар корхонаҳо бошанд;

13.3 кормандоне, ки дар иҷрои корҳо аз дигар корхонаҳо ҳамчун дуҷоякор ба кор қабул карда шудаанду дар рӯйхати махсуси дуҷоякорон қарор доранд.

Тавзеҳот: Корманде, ки дар як корхона ду, якуним ё камтар аз як ставка маош мегиранд, ё дар як корхона ҳамчун дуҷоякори дохилӣ қабул шудааст, дар рӯйхати шумораи кормандон ҳамчун як нафар корманд ба ҳисоб гирифта мешаванд;

13.4 кормандоне, ки мувофиқи карордоди махсус бо ташкилотҳои давлатӣ ҳамчун қувваи корӣ барои иҷрои корҳои корхона ҷалб карда шудаанд

(ниг. банди 23);

13.5 кормандоне, ки муваққатан барои кор ба дигар корхона фиристода шудаанд, агар ба онҳо музди меҳнат дар ҷои кори асосӣ ҳифз карда нашавад;

13.6 кормандоне, ки аз тарафи корхона барои таҳсили муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус бо қатъ кардани кор фиристода шудаанду аз ҳисоби маблағи ин корхона стипендия мегиранд;

13.7 кормандоне, ки дар давраи таҳсил (омодагӣ) аз ҳисоби маблағҳои дар сметаҳо (баровардҳо)-и озоди сохтмон пешбинӣ шуда барои корҳои корхонаҳои аз нав ба кор андохташуда пешбинӣ шуда музди меҳнат мегиранд;

13.8 мутахассисони ҷавон, ки баъди хатми муассисаи таълимии олӣ ё миёнаи махсус дар рухсатӣ қарор доранду аз ҳисоби корхона дар вақти рухсатӣ кӯмакпулӣ гирифтаанд, дар он ҷое ки онҳо барои кор фиристода шудаанд;

тавзеҳот: Коргарони ҷавоне, ки баъди хатми омузишгоҳои касбӣ – техникӣ барои кор ба корхона фиристода шудаанд, ба рӯйхати ҳайати корхона аз лаҳзаи ба кор қабул кардани онҳо, аз ҷумла вақти рухсатӣ, ки ба онҳо баъди хатми таҳсилоти омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ-техникӣ дохил карда мешаванд;

13.9 кормандоне, ки барои аз кор рафтан ариза додаанд ва ба огоҳии маъмурият қатъ кардани кор ариза додаанд. Онҳо аз рӯйхати ҳайати кормандон аз рӯзи аввали ба кор набаромаданашон аз кор хориҷ карда мешаванд.

14. Шумора дар сана ин нишондиҳандаи шумораи кормандони ҳайати рӯйхати корхона барои муйяни рӯзи моҳ, аз ҷумла дар ин рӯз ба кор қабул кардашуда ва бо истиснои кормандони баромада рафта ҳисоб карда мешавад.

Барои муайян намудани шумораи рӯйхати кормандони корхона ба ҳисоби миёна дар давраи ҳисоботи (моҳ, семоҳа, аз аввали сол, сол) шумораи кормандонро дар сана қабул кардан кофӣ нест, масалан дар ин нишонидҳанда тағйироте, ки дар давоми давраи баррасишаванда гузоштаанд, нишон дода намешаванд.

15. Барои муйян намудани шумораи кормандон ба ҳисоби миёна дар давра, масалан, чун қоида, баҳисобгирии ҳамарӯзаи шумораи кормандони ҳайати рӯйхатӣ, бояд дар асоси фармонҳо (супоришҳо) дар бораи қабул, гузаронидан ба дигар кор ва қатъ намудани қарордоди меҳнатӣ аниқ карда мешавад. Шумораи кормандони ҳайати рӯйхат барои ҳар рӯз бояд бо санаи табели баҳисобгирии истифодаи қувваи корӣ ва вақти кори кормандон мувофиқат кунад. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна дар моҳи ҳисобот (шумораи миёнаи моҳ) бо роҳи ҷамбасти шумораи кормандони ҳайати дар рӯйхатбуда барои ҳар рӯзи тақвими моҳи ҳисоботӣ, яъне аз 1 то 30 ё рӯзи 31 (барои феврал аз рӯзи 28 ё 29 рӯз) инчунин рӯзҳои (ғайрикорӣ)

ва рухсатӣ ва тақсими ҷамъи ба санаи рӯзҳои тақвимии моҳи ҳисобот ҳисоб карда мешавад.

Шумораи кормандони ҳайати рӯйхат барои рӯзҳои истироҳат ё иду ҷашн (ғайрикорӣ) баробари шумораи дар рӯйхат будаи кормандон барои рӯзи кории гузашта қабул карда мешавад. Дар мавриди мавҷуд будани ду ва ё бештар рӯзҳои истироҳат ва ё иду ҷашнӣ (ғайрикорӣ) ба таври мунтазам шумораи кормандони ҳайати рӯйхати барои ҳар кадоми ин рӯзҳо баробари шумораи кормандони ҳайати дар руйхатбудаи барои рӯзҳои корӣ, рӯзҳои истироҳатӣ ва иду ҷашнҳо (ғайрикорӣ) қабул карда мешавад.

16. Дар ин мавриди, агар ба хисобгирии ҳаррӯзаи шумора анҷом дода нашавад, дар он сурат шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна дар моҳи ҳисобот бо роҳи ҷамбасти шумораи кормандони ҳайати рӯйхат дар охири моҳи гузашта ва дар охири моҳи ҳисобот ва бо тақсими ҷамъи ба дастовардашуда ба 2 ҳисоб карда мешавад.

17. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна дар як моҳ дар корхонае, ки моҳи нопурра кор мекунанд (масалан, дар корхонае, ки нав ба истифодабарӣ дода шудаанд, аз байн бурда шудаанд, корхонаҳое, ки хусусияти истеҳсоли мавсимӣ ва ғайра доранд) бо роҳи тақсими ҷамъи шумораи кормандони ҳайати дар рӯйхатбуда барои ҳамаи рӯзҳои кории корхона дар моҳи ҳисобот, аз ҷумла рӯзҳои истироҳат ва иду ҷашнӣ (ғайрикорӣ) барои давраи кор, барои шумораи умумии рӯзҳои тақвимӣ дар моҳи ҳисобот муайян карда мешавад.

Мисол. Корхона аз 24 моҳи июли соли 2013 ба истифода дода шуд ва ба кор оғоз кард, шумораи кормандони дар ҳайати рӯйхатбуда дар корхонаи мазкур ба таври зайл буд: 24 июл 570 нафар, 25-ум 570 нафар, 26-ум 573 нафар, 27-ум 576 нафар, 28 (шанбе) 576 нафар, 29 (якшанбе) 576 нафар, 30 юм 580 нафар, 31-уми июл 583 нафар.

Ҷамъи шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон дар моҳи июл 4604 нафарро ташкил дод, рӯзҳои тақвимӣ дар моҳи июл 31, шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна дар моҳи июл 149 нафарро ташкил дод (4604: 31).

18. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна барои семоҳа бо роҳи ҷамбасти шумораи миёнаи ҳармоҳаи кормандон барои ҳамон моҳҳои кории корхона дар семоҳа ва тақсими ҷамъи ба даст овардашуда ба се муайян карда мешавад.

Мисолҳо:

1. Корхона ба ҳисоби миёнаи моҳона дар моҳи январ 620 нафар, дар моҳи феврал 640 нафар, дар моҳи март 690 нафар корманд дошт. Шумораи кормандон дар семоҳаи якум ба ҳисоби миёна 690 нафар (620+640+690):3)-ро ташкил додаст.

2. Корхона дар моҳи март ташкил шуда ба кор оғоз кардааст. Шумораи миёнаи кормандон дар моҳи март 720 нафарро ташкил

кардааст. Зимнан, шумораи кормандон ба ҳисоби миёна дар семоҳаи аввал барои ин корхона 240 нафарро ташкил додааст (720: 3).

19. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна аз аввали сол аз рӯи ҳисоботи моҳ ба таври ниҳоӣ бо роҳи ҷамъкунии шумораи миёна бо роҳи ҷамъбаст намудани шумораи миёнаи моҳонаи кормандон барои ҳамаи моҳҳое, ки дар давраи аз аввали сол гузоштааст, дар моҳи ҳисобот ба таври ниҳоӣ муайян карда мешавад ва тақсими ҳосили ба дастомада дар аввали моҳи корхона барои давраи аз аввали сол, яъне мутаносибан ба 2,3,4, ва ғайраҳо сурат мегирад.

Мисол. Корхона дар моҳи март ба кор оғоз кард. Ҳисоби миёнаи моҳонаи шумораи кормандон дар моҳи март 450 нафар, дар моҳи апрел 660 нафар, дар моҳи май 690 нафарро ташкил кард. Шумораи кормандон ба ҳисоби миёна дар аввали сол (дар 5 моҳ) 360 нафарро ташкил кардааст. (450+660+690):5).

20. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон ба ҳисоби миёна барои як сол бо роҳи ҷамбасти шумораи миёнаи кормандон бар ҳамаи моҳҳои соли ҳисоботӣ ва тақсими маҷмӯи ба даст омада ба 12 сурат мегирад.

Масалан:

| Моҳҳо | Шумораи миёнаи моҳонаи кормандон | Моҳҳо | Шумораи миёнаи моҳонаи кормандон |
|---|---|---|---|
| январ | 500 | июл | 560 |
| феврал | 496 | август | 570 |
| март | 500 | сентябр | 565 |
| апрел | 515 | октябр | 570 |
| май | 530 | ноябр | 580 |
| июн | 518 | декабр | 600 |
| Ҷамъ : | | | 6504 |

Ҳисоби миёнаи солонаи кормандон 542 нафарро ташкил додааст (6504:12).

21. Агар корхона соли пурра кор накарда бошад (кори мавсимӣ ё баъди моҳи январ ба истифодабарӣ дода шуда бошад), дар он сурат ҳисоби миёнаи кормандон низ бо роҳи ҷамбасти шумораи миёнаи моҳонаи кормандон барои ҳамаи моҳи кори корхона ва тақсими ҷамъи ба дастомада ба 12 муайян карда мешавад.

Мисол. Корхона кори мавсимиро дар моҳи апрел оғоз карда, дар моҳи август ба охир расонид. Шумораи миёнаи моҳонаи кормандон дар моҳи апрел 641 нафар, дар моҳи май 1254 нафар, дар моҳи июн 1315, дар моҳи июл 820, дар моҳи август 457 нафарро ташкил дод. Шумораи

миёнаи солонаи кормандон 374 нафарро ташкил кардааст (641+1254+1315+820+457) :12).

### 3. Шумораи кормандоне, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи кор ва дигар бузургии миёна қабул карда шудаанд

22. Ҳангоми муайян намудани музди миёнаи меҳнат, ҳосилнокии меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳо нишондиҳандаи «шумораи кормандоне, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнат ва дигар бузургиҳои миёна қабул карда шудаанд» истифода бурда мешаванд. Барои ба даст даровардани ин нишондиҳанда аз шумораи кормандони ҳайати рӯйхат баъзе категорияҳои кормандонро хориҷ кардан зарур аст. Ба ин гуна кормандон мансубанд:

22.1 заноне, ки бо сабаби ба фарзандӣ қабул кардани кӯдаки навзод бевосита аз таваллудхона дар рухсатӣ мебошанд;

22.2 заноне, ки барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба синну соле, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст дар рухсатӣ қарор дорад (чӣ қисман пардохта мешаванд, чӣ бе ҳифзи музди меҳнат дар рухсатии иловагӣ мебошанд);

22.3 кормандоне, ки барои ҳамлу нақли ғалла ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, барои ҷамъоварии ҳосил мувофиқи Қарори Ҳукумат дар сафари хизматӣ мебошанду, дар ҷои кори асосиашон 70 фоизи музди миёнаашон ба ивази хӯроки шабонарӯзӣ ва квартирапулӣ ҳифз карда мешавад (ронандаҳои нақлиёти автомобилӣ, коргарон оид ба таъмир, механикҳо, сардорони автобазаҳо, посбонҳо, навбатдорон (диспечерҳои) хоҷагиҳои автомобилӣ, тракторчиҳо-мошинистҳо ва дигар механизаторон);

22.4 кормандоне, ки барои корҳои бинокорӣ, васлкорӣ, танзимгарӣ дар сафари хизматӣ қарор доранд ба музди корашон иловапулӣ ба ивази хуроки шабонарузӣ ва квартирапулӣ ба андозаи 50-75 фоизи ставкаи тарифӣ (маоши вазифавӣ) дар ҷои кори асосии онҳо мувофиқи Қарори Ҳукумат пардохта мешаванд;

22.5. беморони нашъаманду майзада, ки дар шӯъбаҳои касалиҳои рӯҳии муассисаҳои касалиҳои руҳӣ ҷой дода шудаанд;

тавзеҳот. Кормандоне, ки дар бандҳои 22.3, 22.4 ва 22.5 нишон дода шудаанд, ба шумораи кормандоне ҳамроҳ карда мешаванд, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корхона қабул карда шудаанд. Музди меҳнате, ки барои иҷрои кори онҳо ҳисоб карда шудааст, ба фонди музди меҳнати кормандони ҳайати дар рӯйхатбудаи ин корхонаҳо ҳамроҳ карда мешавад;

22.6. кормандоне, ки ба муассисаҳои таълимии олии шабона ва ғоибона ва миёнаи махсус таҳсил мекунанду дар рухсатии таълимӣ қарор доранд (чӣ бо ҳифзи пурра ва ё ҳифзи қисми музди меҳнат, чӣ бе ҳифзи музди меҳнат) инчунин кормандоне, ки дохилшавандаи

муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус дар рухсатии бе ҳифзи музди меҳнат барои супурдани имтиҳоноти дохилшавӣ қарор доранд;

22.7. кормандоне, ки бе ҳифзи музди меҳнат бо ташаббуси маъмурият дар рухсатӣ мебошанд.

23. Ба шумораи кормандоне, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи кор кабул карда шудаанд, баъзе кормандоне ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар ҳайати дар рӯйхатбуда қарор надоранд: шахсоне, ки барои кор аз рӯи қарордоди махсус ба ташкилотҳои давлатӣ (ҳамчун қувваи корӣ) ҷалб карда шудаанд, беморони нашъаманду майзада, ки дар шӯъбаҳои касалиҳои рӯҳии муассисаҳои касалиҳои рӯҳӣ барои муолиҷа ҷой дода шудаанду ба кор дар корхона бо мақсади муолиҷа ҷалб карда шудаанд. Шумораи ҳисоббаробаркунии ингуна кормандон бо тақсим аслан ба онҳо ба фонди музди меҳнати он пули гузаронидашуда барои музди миёнаи меҳнати як коргари корхонаи мазкур муайян карда мешавад.

24. Ҳангоми муайян намудани шумораи кормандоне, ки барои ҳисоби миёнаи музди меҳнат қабул карда шудаанд, кормандоне, ки барои рӯзҳои нопурраи кор ё барои ҳафтаи нопурраи кор ба кор қабул карда шудаанд; аслан барои вақти кори иҷрошуда ба тартиби зайл баробар ба ҳисоб гирифта мешаванд: миқдори умумии одам - рӯз, ки ин кормандон кор кардаанд муайян карда мешавад, зеро миқдори умумии одам - соат дар моҳи ҳисобот ба давомнокии муқарраршудаи рӯзи корӣ тақсим карда мешавад. Баъдан шумораи кормандон муайян карда мешавад, барои он ки шумораи одам – соат кор кардашуда, ба шумораи рӯзҳои корӣ мувофиқи тақвим дар моҳи ҳисобот тақсим карда мешавад.

25. Ба шумораи кормандоне, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнат ба кор қабул карда шудаанд, шумораи аслан ҳисоббаробаркунии шахсоне, ки дар хона кор мекунанд, бо роҳи тақсими ҳисобкардашудаи аслӣ, ки ба фонди музди меҳнати онҳо барои музди миёнаи моҳонаи меҳнати як корманди фаъолияти асосӣ дар моҳи ҳисобот ҳамроҳ карда мешавад.

26. Тартиби ҳисобкунии шумораи кормандоне, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнат, дар корхонаҳое, ки моҳи нопурра кор мекунанд ё семоҳи нопурра ё соли нопурра кор мекунанд, ба тартиботи дар бандҳои 15-21 ифода ёфта монанданд.

## 4. Кормандоне, ки дар фаъолияти асосӣ ва ғайриасосии корхона машғул аст.

27. Дар ҳисобот оид ба меҳнат корхонаи бо вазифаҳои бисёрсоҳа тақсими кормандон ба корманд пешбинӣ шудааст;

- корманде, ки ба фаъолияти асосӣ машғул аст;
- корманде, ки ба фаъолияти ғайриасосӣ машғул аст; (дар хоҷагиҳои хизматрасонӣ ва ғайраҳо).

Дар поён тартиби мансуб донистани кормандон ба корманди фаъолияти асосӣ ё ғайриасосӣ дар корхонаҳои саноатӣ, дар ташкилотҳою корхонаҳои бинокорӣ оварда шудааст.

Тавзеҳот. Ба сифати мисол соҳаҳои пешбари истеҳсолоти моддӣ оварда шудаанд. Ба тартиби ба ҳамин монанд чунин тақсимот дар дигар соҳаҳо низ ба амал бароварда шуда метавонанд.

28. Дар корхонаҳои саноатӣ корманд ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад;

- корманди саноатию истеҳсолӣ (корманди фаъолияти асосӣ);

- корманди ташкилотҳои саноатӣ, ки дар тавозуни корхонаҳои саноатӣ қарор дорад (кормандони фаъолияти ғайриасосӣ).

29. Ба шумораи корманди саноатию истеҳсолии корхона кормандони зерин дохил карда мешаванд:

29.1 соҳаҳои асосӣ ва ёвар (ёрирасон) аз ҷумла кормандони дастгоҳҳои қувваи асбобу анҷом, компрессорҳо, симгузарону симкашҳо;

29.2 ёварони истеҳсолот, чубтайёркунандаҳо, кормандони таҳиякунандаи торф, конҳо, сехҳои борҷомасозӣ, истеҳсолоти маводҳои бинокорӣ, кормандони табъу нашр ва ғайрахо;

29.3 хизматрасонҳои шабакаҳои қувваи барқ ва гармирасонӣ, зеристгоҳҳо (баҳрабардорӣ ва таъмир) кормандони хадамоти истеҳсолии идораи барқу гармирасони;

29.4 сехҳои васоити нақлиёт (нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, обӣ ва дигар намудҳои нақлиёт)-и корхона, ки ба таври афзалиятнок ба истеҳсолот хизмат мерасонанд;

29.5 кормандоне, ки дар корҳои ҳамлу накл, борборкунӣ, борфарорӣ машғуланд, аз ҷумла ба истеъмолкунандаҳо хизмат мерасонанд. Кормандони корхонаҳо (мусоидаткунандаҳо) кормандоне, ки борҳоро то истгоҳи таъиншуда ҳамроҳӣ мекунанд;

29.6 лабораторияҳо, аз ҷумла кормандони лабораторияҳо, ки дар корҳои таҷрибавӣ, аз маошӣ - санҷишӣ ва илмию тадқиқотӣ ва ҷустуҷӯӣ машғуланд. Кормандоне, ки дар шӯъбаҳои (бюроҳои) корхонаҳои конструкторӣ машғуланд, аз ҷумла дар мавридҳое, ки онҳо корро барои дигар корхонаҳо ва ташкилотҳо иҷро менамоянд;

29.7 кормандоне, ки дар истеҳсолу танзимкории намунаҳои нави маҳсулот машғуланд;

29.8 кормандоне, ки ба корҳои танзимкорию ба истифодадиҳӣ, инчунин ва азхудкунӣ (омодагӣ)–и истеҳсолот дар корхонаҳои нав ва объектҳои нав машғуланд, аз лаҳзаи ба кор андохтани корхона ё соҳаҳои ҷудогона ба ҳайати корманди саноатию истеҳсолӣ ҳамроҳ карда мешаванд, яъне аз лаҳзаи имзои акти-санади қабули корхона (чузъу том) барои баҳрабардорӣ аз тарафи комиссияи давлатии қабул ё то лаҳзаи имзои санад дар бораи қабули корхона (ҷузъу том) агар ин корхона (ҷузъу том) кайҳо ба истеҳсоли маҳсулот оғоз карда бошад (дар ин маврид маълумотҳо барои давраи дахлдори соли гузашта аз ҳисоби ин

кормандон ба ҳисоб гирифта намешаванд), ба ҳайати кормандони истеҳсолию саноатӣ дохил карда мешаванд;

29.9 корманди истеҳсолоти асосӣ, ки ба аз нав кор кардани замин машғуланд;

29.10 кормандоне, ки дар иншоотҳои тозакунанда ки дар тавозуни корхона қарор доранд, ба таври пурра ё қисман ба истеҳсолот хизмат мерасонанд;

29.11 яхдонҳое, ки дар тавозуни корхонаи саноатӣ қарор доранд;

тавзеҳот. Кормандони яхдонҳо ва комбинатҳои яхдонҳои низоми воридот ва кооператсияҳои истеъмолӣ, ки дар тавозуни мустақил қарор доранд, ба корманде таалуқ доранд, ки дар анборхонаҳо, базаҳои савдои яклухт машғуланд ва дар ҳисоботи корхонаи саноатӣ ҳамроҳ карда намешаванд;

29.12 қисмҳо ё марказҳои алока, ки дар тавозуни иттиҳодияи истеҳсолӣ, корхонаи саноатӣ, аз ҷумла онҳое, ки қисман ба аҳолӣ хизмат мерасонанд;

29.13 марказҳои иттилоотию ҳисоббарорӣ, марказҳои ҳисоббарорӣ, ки дар тавозуни корхонаи саноатӣ қарор доранд, аз ҷумла онҳое, ки корҳоро барои дигар корҳо иҷро менамоянд;

29.14 ҳамаи намудҳои посбонию муҳофиз (категорияҳои якуму низомишуда, оташхомӯшкунандаҳои касбӣ, посбонӣ), ки дар басти (штати) корхонаи саноатии мазкур қарор доранд.

Тавзеҳот. Кормандони муҳофизи хоҷагиҳои манзилию коммуналии корхонаҳо, корхонаҳои кишоварзӣ ва дигар намудҳои фаъолияти ғайрисаноатии корхонаи саноатӣ, ба ҳайати корманди ташкилоти саноатии дахлдор ҳамроҳ карда мешавад. Кормандони муҳофиз, ки дар як вақт фаъолияти ташкилоти саноатӣ ва ғайри саноатиро хизмат мерасонанд, ба корманди саноатию истеҳсолӣ дохил карда мешаванд;

29.15 кормандони корхонаҳои маъданистеҳсолкунӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ (заводҳо), душу ҳаммомҳо, хизматрасониҳое, ки танҳо корманди корхонаи мазкуранд, ҳамчунин кормандони ҷомашӯи хонаҳои корхонаҳое, ки ба шустушӯи либосҳои махсус ва кормандони устохонаҳо оид ба таъмиру дӯхтани либосҳои махсус машғуланд;

29.16 идоракунандаҳои заводҳо, идораю заводҳои асосӣ, ки ба тамоми шӯъбаҳо ва бюро ҳамчун дастгоҳи иттиҳодияи истеҳсоли махсус гардонида шудаанд, аз ҷумла шӯъбаҳои таъминоти моддӣ-техникӣ ва фурӯш, анборхонаҳои ашёи хом, маводҳо, маҳсулоти тайёр, инчунин кормандон оид ба рӯбу чин ва фаррошии ҳудуди завод – корхона ва кормандони дастгоҳи шӯъбаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, агар ин шӯъба ҷузъу томи сохтории идораи завод бошад.

Тавзеҳот. Кормандони шӯъба ё идораи сохтмони асосӣ (ШСА, ИСА)-и корхонаи саноатӣ, ки бо усули сохтмону хоҷагӣ корҳоро ба амал

мебароранд, бояд оид ба меҳнат ҳисоботро дар бораи сохтмон алоҳида тартиб диҳанд.

Дар ҳисобот оид ба меҳнат дар саноат кормандоне, ки ба шӯъба ё идораи сохтмони асосӣ итоат мекунанд, кормандони сеххо, амборхонаҳои нигоҳдории дастгоҳҳо ва маводҳои сохтмонӣ, ки аз ҳисоби воситаҳои бинокорӣ нигоҳ дошта мешаванд, низ дохил карда мешаванд. Кормандони нишон додашуда дар ҳисоботи оид ба меҳнат дар сохтмон ба ҳисоб гирифа мешавад.

Корманди шӯъба ва идораи сохтмони асосии корхонаи саноатӣ, ки мушоҳида (назорат )-и сохтмонро ба амал мебарад, вале аз ҳисоби маблағи барои сохтмон ҷудо кардашуда нигоҳ дошта мешавад, ҳамчунин бояд дар сохтмон ба ҳисоб гирифта шавад.

Агар идора ё шӯъбаи сохтмони асосии корхонаи саноатӣ корҳои сохтмону васлкориро бо усули хоҷагӣ иҷро накунаду танҳо назорати сохтмонро ба амал барорад, дар он сурат ҷузъу томи идораи завод ба ҳисоб меравад ва аз ҳисоби маблағи фаъолияти асосӣ таъмин карда мешаванд, дар ин маврид корманди ингуна шӯъба ё идораи сохтмони асосӣ бояд ба ҳайати корманди саноатию истеҳсолии корхона баҳисоб гирифта шавад;

29.17 кормандоне, ки дар таъмири асосӣ ва ҷории дастгоҳҳо ва воситаи нақлиёти корхонаи худ машғуланд, ҳамчунин кормандоне, ки ба таъмири асосӣ ва ҷории бино ва иншооте, ки ба фонди асосии саноатию истеҳсолии корхона мансубанд, машғул мебошанд;

29.18 нуқтаҳои ҷамъоварию мубодилавии назди корхонаҳо оид ба таъмири мошинҳои автомобилӣ;

29.19 китобхонаи техникӣ;

29.20 кормандоне, ки бо таълиму тарбияи кадрҳо машғуланд, инчунин шахсоне, ки аз ҳисоби маблағи фаъолияти асосӣ аз таҳсил мегузаранд.

30. Дар ташкилотҳои бинокорӣ гурӯҳҳои кормандон ба таври зайл фарқ мекунанд:

- корманде, ки дар корҳои сохтмонию васлкорӣ машғул аст (корманди фаъолияти асосӣ);
- корманде, ки дар истеҳсолоти ёрирасон машғул аст;
- корманде, ки ба корҳои хизматрасонӣ ва хоҷагӣ машғул аст.

31.Ба корманде, ки дар корҳои бинокорию васлкорӣ машғул аст, аз ҷумла кормандони зерин таалуқ доранд:

31.1 кормандоне, ки дар корҳои сохтмони биноҳо ва иншоот, аз ҷумла дар корҳои муваққатии бинокорӣ (бе унвон)-и биноҳо, иншоот, дасгоҳу сохт, ки аз ҳисоби хароҷоти иловагӣ ба амал бароварда мешаванд, машғуланд;

31.2 кормандоне, ки дар корҳои васлкории дастгоҳҳо ва таҷҳизот машғуланд;

31.3 кормандоне, ки дар корҳои таъмири асосии биноҳо ва иншоот машғуланд;

31.4 кормандоне, ки дар корҳои бевосита омода кардани майдони сохтмони ғайристандартӣ ва дастгоҳҳои дегхонаю ёрирасон, дар корҳои тафтишотӣ пеш аз васлкории дастгоҳу таҷҳизот ва корҳои восита ба таъмири барқарорсозӣ ва ба корҳои танзимкорӣ ва ба истифодадиҳӣ машғуланд;

тавзеҳот. Агар дастгоҳу таҷҳизоти ғайристандартӣ ва дегхонаю ёрирасон дар устохонаи ташкилоти бинокорӣ тайёр карда шаванд, дар он сурат корманде, ки ба тайёр кардани ин дастгоҳу таҷҳизот машғул аст, ҳайати кормандоне дохил карда мешаванд, ки дар корҳои истеҳсолоти ёрирасон машғуланд;

31.5 кормандоне, ки дар корҳои обовард, пармакунию таркиш, кушодакорӣ, дар корҳои зидди септикӣ, термоизолятсиякорӣ машғуланд;

31.6 кормандоне, ки заминҳои кишоварзиро бори аввал зироаткорӣ менамоянд;

31.7 кормандоне, ки дар корҳои газгузаронии квартираҳо аз ҳисоби маблағи аҳолӣ ва дар дигар корҳои қудратӣ машғуланд;

31.8 кормандоне, ки бе восита дар майдонҳои бинокорӣ (на дар бораи истеҳсолоти ёрирасон махсус гардонидашуда) ба омода кардани бетон, маҳлули андова (раствор) воякунонӣ ва расонидан ба мошини маводкашонии бинокорӣ, гарм кардани бетон, гарм кардани гармхонаҳо машғуланд;

31.9 кормандоне, ки ба корҳои ҳамлу нақли борҳо, борборкунӣ – борфарорӣ, аз ҷое ба ҷои дигар ҷойгир кардани маводу дастгоҳҳо дар ҳудуди минтақаҳои корӣ, яъне аз назди объект (китъаи) васлкорӣ то маҳалли насб кардан дар ҷои кор машғуланд;

31.10 кормандони алоқа, ки ба сохтмон хизмат мерасонанд, кормандони душхонаю кубхона ва ғайраҳо, ҷузъу томҳое, ки бевосита ба коргарони майдончаи сохтмон хизмат мерасонанд, инчунин кормандоне, ки дар рӯбу чин ва фаррошии ҳудуди сохтмон ва биноҳо, дар майдончаҳои бинокорӣ машғуланд.

Тавзеҳот. Кормандони хоҷагии комуналию манзилӣ (хобгоҳҳои умумӣ, ҳаммом ва ғайраҳо) дар хоҷагиҳои хизматрасонӣ ва дигар хоҷагиҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд;

31.11 трестҳои (идора, раёсат, базаҳо) механизатсияҳо, базаҳои ба кироя додани мошинҳо (ба кироя додану таъмир), автобазаҳои механизӣ кардашуда, ки барои истифодаю бахрабардорӣ ва хизматрасонии техникии мошинҳою механизмҳои бинокорӣ, ташкилотҳои хизматрасонии бинокорӣ, инчунин дигар ташкилотҳои бинокории саноатӣ;

31.12 ташкилотҳои қудратӣ (раёсатҳои бинокори (ФБ), раёсати васлкорию бинокорӣ (РВБ); раёсатҳои таъмиру бинокорӣ (РТБ), идораи механизатсия, раёсатҳои мутаҳаррики сохтмонӣ ва ғайраҳо);

31.13 ҳамаи намудҳои муҳофизаткунанда (ҳарбӣ, сӯхторхомушкунандаи касбӣ, посбонӣ) ки дар басти (штати) корхонаи мазкур қарор доранд. Кормандони муҳофизе, ки ҳамзамон дар як вақт корҳои сохтмону васлкорӣ, истеҳсолоти ёрирасон, хизмат мерасонанд, кормандоне, ки ба дигар ҳаргуна хоҷагиҳо хизмат мерасонанд, ба корманде мансуб довиста мешаванд, ки дар корҳои васлкорию бинокорӣ машғуланд;

тавзеҳот. Кормандони муҳофизи истеҳсолоти ёрирасон, ки ба ҳаргуна хоҷагиҳо хизмат мерасонанду ба тавозуни ҷудогона ҷудо карда шудаанд, ба кормандоне мансуб дониста мешаванд, ки мутобиқат дар корҳои истеҳсолоти ёрирасон машғуланд ва ба ҳаргуна хоҷагиҳо хизмат мерасонанд;

31.14 марказҳои иттилоотию ҳисоббарорӣ, марказҳои ҳисоббарорӣ, истгоҳҳои ҳисоби мошинӣ (бюроҳо), ки дар тавозуни трестҳои сохтмону васлкорӣ қарор доранд, ташкилотҳои бинокорӣ, аз ҷумла онҳое, ки корҳоро барои дигар корхонаҳо иҷро менамоянд;

31.15 лабараторияҳо, истгоҳҳои меъёрию тадқиқотӣ, хадамоти бехатарии техникии трестҳои сохтмонуваскорӣ, ташкилотҳои бинокорӣ;

31.16 дастгоҳи трестҳои сохтмону васлкорӣ ва ташкилотҳои қудратӣ (ИСИСВ, ИТС, идораи механизатсия, дастгоҳи мутаҳаррики сохмонии ташаккул додашуда ва ғайраҳо);

31.17 идораи маҷмӯъсозии истеҳсолию технологӣ;

тавзеҳот. Дар он мавридҳое, ки ҳангоми насб кардани маҷмӯъсозии истеҳсолию техникӣ сеххои ёвар оид ба истеҳсолу коркарди маводҳои бинокорӣ таъсис дода мешаванд, шумораи кормандони ин сеххо ба кормандоне мансуб дониста мешаванд, ки дар истеҳсолоти ёрирасон машғуланд.

31.18 кормандони нақлиёт (базаҳои автомобилӣ, гаражҳое, ки дар ҳайати трестҳо қарор доранд), гурӯҳҳои лабараторияҳои сохтмонии ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва корҳои бюроҳои лоиҳакашӣ (гурӯҳҳо).

Тавзеҳот. Агар ҷузъу томҳои дар бандҳои 31.16-31.18-и дар боло нишон додашуда, ки ба ташкилоту трестҳои бинокорӣ дохил мешаванд, мустақил шуда бошанду мақоми шахси ҳуқуқӣ гирифта бошанд, дар он сурат кормандони ҷузъу томҳои зикршуда ба ҳайати корманде, ки дар корҳои сохтмони васлкорӣ машғуланд, дохил карда намешаванд.

32. Ба кормандоне, ки дар корҳои ташкилотҳои ёрирасони истеҳсолии бинокорӣ машғуланд, кормандони зерин мансубанд:

32.1 хоҷагиҳои ташкилию махсус гардонидашудаи истеҳсолии ёрирасон ва хоҷагиҳои истеҳсолоти бетону маҳлули андова (раствор); истеҳсоли маснуоти оҳану бетони васлшаванда, тахтаҳо (блокҳо) ва сангҳои бинокорӣ; истеҳсоли хишт; конҳо ва истихроҷу коркарди сангҳо; сангмайда; регу шағал ва гил; оҳангар, устохонаҳои механикӣ, харроту наҷҷорӣ, таъмирхонаҳо ва дигар устохонаҳо, ҳавлиҳои

бинокорӣ; истеҳсолоти чӯбу тахта; чӯбу тахтатаёркунӣ, истгоҳҳои баркӣ, дастгоҳҳои тавлиди буғ ва дигар истеҳсолоти ёрирасон;

32.2 кормандоне, ки дар устохонаҳои механикӣ, таъмиргарӣ ва дигар устохонаҳое, ки дар тавозуни трестҳои сохтмону васлкорӣ, ташкилотҳои бинокорӣ қарор доранд.

33. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ гурӯҳҳои зерини корманд фарк мекунанд:

- корманде, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ (корманди фаъолияти асосӣ) машғул аст;
- корманде, ки дар истеҳсолоти ёрирасон машғул аст;
- корманде, ки дар ҳаргуна хоҷагиҳо хизмат мерасонад;

34. Ба кормандоне, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ машғул аст, ба кормандони зерин мансуб дониста мешаванд:

34.1 кормандони корҳои растанипарварӣ (мева, пиёзпарварӣ, сабзавоткорӣ, боғу токпарварӣ, бунёди боғҳо ва ба парвариши ниҳолҳои бисёрсола ва ғайраҳо машғуланд);

34.2 кормандоне, ки дар чорвопарварӣ (чорвои калон, гӯсфанду буз, мурғу паррандапарварӣ, моҳипарварию моҳидорӣ, ҳайвонотпарварӣ, харгӯшпарварӣ, занбӯри асалпарварӣ ва дигар соҳаҳои чорвопарварӣ) машғуланд;

34.3 кормандоне, ки дар корҳои таъмири ҷории биноҳо ва иншооти таъиноти истеҳсолоти кишоварзӣ (захираҳо, фермаҳо, анборхонаҳо ва ғайраҳо) машғуланд;

34.4 кормандони нақлиёт, ки ба таври афзалиятнок ба истеҳсолоти кишоварзӣ хизмат мерасонанд.

35. Ба корманде, ки дар корҳои истеҳсолоти ёрирасон, дар хоҷагиҳои кишоварзӣ (осёбҳо, мошинҳои ярма) мошинҳои арзон, заводҳои шаробпазӣ ва консервабарорӣ, корхонаҳо оид ба равған, панир, маҳсулоти ширӣ, майдончаҳои қассобӣ (молкушӣ) ва сехҳои мурғу паррандакушӣ, арраҳои чӯббурӣ, устохонаҳои дуредгарию наҷҷорӣ ва устохонахои коркарди чӯбу тахта заводҳои хишт ва дигар корхонаҳо оид ба истеҳсоли маводҳои бинокорӣ, чӯбтайёркунӣ ва тайёр кардани ҳезум ва ҳаргуна истеҳсолоти саноати истгоҳҳои баркӣ, устохонаҳо оид ба таъмири тракторҳо, мошинолоти кишоварзӣ ва дигар мошинолоту дастгоҳҳо, инчунин кормандони наклиётӣ, хизматгузорони корхонаҳои ёрирасони саноатӣ, истеҳсолӣ ва устохонаҳои таъмиргарӣ дохил карда мешаванд.

36. Ба корманде, ки ба фаъолияти ғайриасосии корхонаҳои саноатӣ (корманди саноат), ташкилоти бинокорӣ, кишоварзӣ (корманди хизматрасонии ҳаргуна хоҷагиҳо), кормандони зерин мансуб дониста мешаванд:

36.1 кормандони нақлиёт, ки дар тавозуни корхона ва хизматрасони хоҷагии манзил, корхонаи комуналӣ ва дигар ташкилотҳои фаъолияти ғайриасосӣ, инчунин чӯбсанронӣ;

36.2 директсияи корхонасоз, ки назорати техникии сохтмонро ба амал мебарорад, шӯъбаи сохтмони асосӣ ва раёсат ё идораи сохтмони асосӣ, корхонаи таъмири сохтмон, ҳамчунин кормандони ҷудогона, шумораю фонди музди кор, ки дар сохтмон пешбинӣ шудаанд;

36.3 кормандоне, ки дар корҳои таъмири асосии биноҳо ва иншоотҳо, усулҳои хоҷагии истеҳсолӣ (ғайр аз кормандоне, ки дар банди 31.3 нишон дода шудаанд) машғуланд;

тавзеҳот. Кормандоне, ки дар таъмири ҷории биноҳо ва иншооти ташкилотҳои ғайриистеҳсолӣ, хизматрасониҳои ҳаргуна хоҷагиҳо машғуланд, бояд ба ҳайати корманди ташкилотҳои дахлдори ғайриистеҳсолӣ, ки ба ҳаргуна хоҷагиҳо хизмат мерасонанд (хоҷагии манзил, корхонаи комуналӣ ва ғайраҳо) дохил карда шаванд;

36.4 кормандони савдо (мағозаҳо, дӯкончаҳо, хаймаҳо ва ғайраҳо) ва хӯроки умумӣ (ошхонаҳо, буфетҳо ва ғайраҳо);

тавзеҳот. Кормандони корхонаҳои низоми вазорати савдо, орсҳо, кооператсияҳои матлубот (истеъмолӣ), (мағозаҳо, вале дар тавозуни онҳо қарор надоранд, дар ҳисоботи оид ба меҳнати ин корхонаҳо ва ташкилотҳо ҳамроҳ карда намешаванд, дар низоми вазоратҳои соҳавии дахлдор дохил карда мешаванд.

36.5 корхонаҳое, ки ба таври доимӣ ба тайёр кардани маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин ашёи хоми кишоварзӣ (картошка, сабзавот, бехмеваю буттамева, лаблабуи қанд, пахта, зағир, чорво, мурғу парранда, шир ва ғайраҳо) барои аз нав коркарди саноатӣ машғуланд;

36.6 корхонаҳои ёрирасони кишоварзӣ (аз ҷумла кормандони ташкилию махсус гардонидашудаи истеҳсолоти гармхонаҳо), ки дар тавозуни корхонаи саноатӣ, ташкилотҳои бинокорӣ қарор доранд;

36.7 хоҷагии чӯби корхонаҳои саноатӣ ва дигар ташкилотҳо;

36.8 кормандоне, ки ба ҳар гуна намудҳои фаъолияти ҷамъоварии меваҳои худрӯй, бехмеваю буттамева, чормағзҳо, меваҳо, алафҳои худрӯй ва коркарди аввалияи онҳо ва ғайраҳо) дар совхозҳо машғуланд;

36.9 корхонаҳои саноати гӯшту шир, ки ба ҳамлу нақли маҳсулоти тайёр ба шабакаҳои савдои чакана (борбардору борфарорҳо, навбатдорон (диспечерҳо) намояндаҳо (экспедиторҳо) ронандаҳои автомабилҳо) машғуланд; Дар ҳисоботи оид ба меҳнат шумораи кормандони нишондодашударо дар соҳаи “нақлиёт” нишон додан лозим аст;

36.10 оид ба ҷамъоварии оҳанпора. Ба онҳо шахсоне мансуб дониста мешаванд, ки дар идораҳои оид ба ҷамъоварии оҳанпора машғуланд ва ба ҳуҷҷатгузорӣ, қабул ва фиристонидани оҳанпораҳо, бастани қарордодҳо ва бурда (оварда) расонидани вай аз дигар корхонаҳо, ташкилотҳо машғуланд;

тавзеҳот 1. кормандони сехҳои наклиёт, ки ба ҷамъоварӣ ва ҳамлу накли оҳанпораҳо машғуланд, ба корманди саноатию истеҳсолӣ тааллуқ доранд.

2. Ваколатдороне, ки ба тайёр намудани оҳанпора ва партовҳои филизотсиёҳ ва ранга, инчунин техникаҳои супорандаҳо ба корманди саноатию истеҳсолӣ мансуб дониста мешаванд.

36.11 идораҳои рӯзномаҳо ва радиошунавӣ;

36.12 кормандоне, ки дар корҳои танзимкорию ба истифодадиҳӣ машғуланд, ҳамчунин ба корҳои омодагӣ ва аз худ кардани истеҳсолот барои аз нав ба кор андохтани истеҳсолот барои аз нав ба кор андохтани онҳо барои истифодабарӣ машғуланду аз ҳисоби маблағи фаъолияти асосии корхонаи саноатӣ таъмин карда нигоҳ дошта мешаванд, ба шарте, ки онҳо дар корхонаю ташкилотҳои ғайрисаноатӣ пешбинӣ шуда бошанд;

36.13 гурӯҳҳои кашшофию тадқиқотӣ ва партияҳои корхонаҳои саноатӣ;

36.14 хоҷагиҳои манзил;

36.15 корхонаҳои комуналӣ ва корхонаҳои хизмати маишии аҳолӣ; меҳмонхонаҳо ва хобгоҳҳои умумӣ барои мусофирон, сартарошхонаҳо, ҳаммомҳо (ғайр аз кормандони ҳаммому ҷомашуйхонаҳо, хизматгузорони бевосита барои истеҳсолот, корманди корхонаи мазкур, ташкилотҳо ва ғайраҳо; кормандоне, ки барои камбудизорикунии ҳудуд машғуланд;

тавзеҳот. Кормандони тиббӣ (духтурҳо, ҳамшираҳои шафқат) дар ҳисоботи оид ба меҳнати корхона ва ташкилотҳо на бояд ҳамроҳ карда шаванд. Онҳо дар низоми Вазорати тандурустӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

36.16 муассисаҳои солимгардонӣ ва муассисаҳои истироҳатию фароғатӣ (хонаҳои истироҳатии кӯдакон, хонаҳои истироҳатгоҳҳо, пансионатҳои бемуолиҷа ва ғайра);

36.17 муассисаҳои тарбияи ҷисмонӣ (майдонҳои варзиш, қасрҳои варзиш, толорҳои варзиш, базаҳои варзиш, кулубҳо-толорҳои варзиш, ҳавзҳои оббозӣ (шиноварӣ) ва ғайраҳо);

36.18 сайёҳӣ (базаҳои сайёҳӣ ва ғайраҳо);

36.19 муассисаҳои таълимӣ ва курсҳо;

36.20 муассисаҳои тарбиявии то мактабӣ (боғчаҳои кӯдакон, кӯдакистонҳо, боғчаҳо-яслиҳо);

36.21 муассисаҳои фарҳангӣ (қасрҳо ва хонаҳои фарҳангӣ, толорҳо, китобхонаҳо, ғайр аз техникӣ ва ғайраҳо).

## 5. Категорияҳои кормандон

Дар ҳисоботи оид ба меҳнати корхона шумораи кормандон ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: коргарон ва хизматчиён. Аз гурӯҳи хизматчиён категорияҳои зерин ҷудо карда мешаванд: роҳбарон, мутахассисон ва дигар кормандоне, ки ба хизматчиён мансубанд.

37. Ба коргарон шахсоне тааллуқ доранд, ки бевосита ба корхонаҳои таъмир, қабули борҳо, ҳамлу нақли мусофирон, ба хизматрасонии моддӣ ва ғайраҳо машғуланд.

Ба коргарон аз он ҷумла шахсоне мансубанд, ки машғуланд:

37.1 ба идоракунӣ, танзимгардонӣ ва мушоҳида (назоратӣ) аз болои кори автоматҳо, хатҳои автоматӣ, асбобҳои автоматӣ, инчунин бевосита ба идора ё хизматрасонии мошинҳо, механизмҳои дастгоҳҳо ва таҷҳизот, агар меҳнати ин кормандон аз рӯи ставкаҳои тарифӣ ё аз рӯи маоши миёнаи коргарон пардохта шаванд;

37.2 дастӣ ба тайёр намудани маводҳои арзишнок, инчунин ҳангоми ёрӣ расондан ба механизмҳои оддитарин, асбобҳо ва анҷомҳо машғул бошанд;

37.3 ба корҳои сохтмону таъмири биноҳо, иншоот, васлкорӣ ва таъмири дастгоҳу таҷҳизот, таъмири васоити нақлиёт машғуланд;

37.4 ба корҳои ҷойивазкунӣ, борборкунӣ, фаровардани ашёи хом, маводҳо, маҳсулоти тайёр машғуланд;

37.5 ба корҳои қабул, ҳифзу нигоҳдорӣ ва фиристодани борҳо ба анборҳо, базаҳои захира ва анборхонаҳову дигар захиракунию нигоҳдорӣ машғуланд;

37.6 дар корҳои нигоҳубини мошинҳо, дастгоҳҳо, хизматрасонии биноҳои саноатӣ ва ғайрисаноатӣ машғуланд;

37.7 коркарди гузаргоҳҳои рӯизаминӣ, зерзаминӣ ва кӯҳӣ, пармакорӣ, озмоиш, санҷиш ва аз худ кардани чоҳҳо, корҳои геологию аксбардорӣ, ҷустуҷӯӣ ва дигар намудҳои корҳои кашфиёти геологӣ, агар меҳнати онҳо аз рӯи ставкаи тарифӣ ё маоши моҳонаи коргарон пардохта шаванд;

37.8 мошинкорон, ронандаҳо, аловмонҳо, навбатдорону посбонҳо, роҳгузарҳо ва иншооҳои сунъӣ, борбардору борфарорҳо роҳбаладҳо, коргарони таъмиру нигоҳбонони дастгоҳҳо ва воситаҳои мутаҳаррик, тракторчиҳо, механикҳо, коргарони растанипарвар ва чорвопарвар;

37.9 почталонҳо, телефонистҳо, телеграфистҳо, операторони радио, операторони алоқа;

37.10 операторони ҳисоббарор ва мошинҳои ҳисоббарори баркӣ;

37.11 дарвозабону фаррошҳо, хаткашонҳо, гардеробчиҳо, қаровулу посбонҳо;

38. Ба кормандони роҳбарикунанда роҳбароне мансубанд, ки ба вазифаю мансабҳои роҳбарии корхона ва ҷузъу томҳои сохтории онҳо машғуланд.

Аз ҷумла ба роҳбарон мансубанд:

- директорон (директорони генералӣ) президентҳо, ректорҳо, сардорон, идоракунандаҳо, мудирҳо, раисон, кормандон-фармондеҳон, устодон, ба вуҷудовардагони кор дар корхонаҳо дар воҳидҳои сохторӣ ва ҷузъу томҳо;

- сармутахассисон, сармуҳосибон, сартанзимкор (сардиспечер) сармуҳандис, сармеханик, сарметаллург, саркафшегар, сарагроном, сарчолоч, сарбаркчӣ, сариқтисодчӣ, саркорманди илмӣ, сармуҳаррир, сардухтур (сартабиб).

39. Ба мутахассисон кормандоне мансубанд, ки ба корҳои муҳандисию техникӣ, иқтисодӣ ва дигар корҳо, аз ҷумла ба корҳои агрономӣ, маъмурияти муҳосибӣ, геологӣ, танзимгарӣ (диспечерӣ), муҳандисӣ, инспекторӣ, тасҳеҳӣ, математикӣ, меъёркорӣ, муҳаррарӣ, муфатишӣ, равоншиносӣ, иҷтимоъшиносӣ, техникӣ, молшиносӣ, физиологҳо, рассомҳо, иқтисодчиён, энергетикҳо, машваратчиёни ҳуқуқӣ, духтурҳо, муаллимон.

Ба категорияи мутахассисон низ ассистентҳо, ёрдамчиёни мутахассисони номбаршуда мансубанд.

40. Дигар кормандоне, ки ба хизматчиён мансубанд инҳо кормандоне мебошанд, ки ба омода сохтану тартиб додани ҳуҷҷатҳо, ба ҳисобгирӣ ва назорат, хизматгузории хоҷагӣ машғуланд, аз ҷумла агентҳо, кормандони бойгонӣ, навбатдорону посбонҳо, коргузорон, хазинадорон, тасҳеҳкорон, комендантҳо, нозирон, (ки ба коргарон дохил карда намешаванд) нусхабардорони ҳуҷҷатҳои техникӣ, котибаҳо-мошинанависҳо, нозирон (нигоҳкунандаҳо) кормандони омор, стенографистҳо, табелчиҳо (ҳисобчиҳо) ба ҳисобгирандаҳо, нақшакашҳо.

## 6. Фонди музди меҳнат ва пардохтҳое, ки ба музди меҳнат дохил намешаванд

### Фонди музди меҳнат

41. Мафҳуми «фонди музди меҳнат» тамоми намудҳои пулкоркуниро дар бар мегирад (ҳамчунин мукофоту подошҳои гуногун, иловапулиҳо, изофапардохтҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ), ки ба шакли пул ё натуралӣ ҳисоб карда шудаанд (новобаста аз манбаи маблағгузорӣ), аз ҷумла маблағҳои пулӣ, мувофиқи қонунгузорӣ барои вақти кор накарда (рӯйхати ҳарсола, рӯзҳои ид ва ғайраҳо) ба кормандон ҳисоб карда мешаванд.

42. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат маблағҳои пулӣ нишон дода мешаванд, ки мувофиқи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ба пардохт гузаронида шудаанд, аз рӯи ин ҳуҷҷатҳо ба кормандон оид ба музди кор ҳисобу китоб анҷом дода шудааст. Дар ин маврид маблағҳои нишон додашуда берун аз ҳисоби андозҳо ва дигар пулнигаҳдорӣ мувофиқи қонунгузорӣ оварда мешаванд.

43. Музди кори ба асъори хориҷӣ ҳисоб кардашуда, дар ҳисобот бо пули миллӣ аз рӯи қурби муайянкардаи бонки миллӣ бо роҳи бозҳисоби асъори хориҷи воҳиди пули миллӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

44. Маблағи ҳисоб кардашуда барои ҳарсола, ҳарсолаи иловагӣ ва рухсатии иловагӣ, дар моҳи ҳисобот танҳо аз моҳи май, ки рӯзҳои рухсатӣ гузоштаанд, нишон дода мешаванд. Маблағе, ки барои рӯзҳои рухсатӣ ҳисоб шудаанд, мувофиқи ҳисоботи моҳи гузашта, ҳамроҳ карда мешаванд.

45. Ҳангоми тартиб додани ҳисобот оид ба меҳнат маълумотҳо дар бораи музди меҳнат барои давраи дахлдори соли гузашта дар методология нишон дода мешаванд, ки дар давраи ҳисоботи соли ҷорӣ қабул карда шудааст.

46. Дар мавриди дар шакли натуралӣ пардохтани музди кор ва пешниҳоди имтиёзҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ бо назардошти ҳисобу китоби нархҳои бозори маблағҳо дар ҳисоботи оид ба меҳнат ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба музди кор дар шакли натуралӣ намудҳои пардохти зерини музди кор тааллуқ доранд:

47. **Музди мустақими кор,** ки барои иҷрои кор (вақти кор кардашуда) аз рӯи нархи иҷрошуда, ставкаи тарифи маошҳои мансабӣ (вазифавӣ ба ҳисоби пули нақд, бо ҳисса аз фоида ё аз рӯи музди миёнаи кор, новобаста аз шакли моликият ва низоми музди кор, ки корхонаҳо қабул кардаанд, пардохт мешаванд.

48. **Пардохтҳои ҳавасмандкунанда аз рӯи ҳолатҳои низомишуда:**

48.1 мукофотҳо барои натиҷаҳои истеҳсолӣ;

48.2 мукофотҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои таъиноти иҷтимоӣ ва мадохилоти мақсаднок пардохта шудаанд;

48.3 подошҳо (аз рӯи ҷамъбасти кори солона);

48.4 иловапулӣ ва изофапулиҳо ба ставкаҳои тарифӣ ва маошҳо (барои маҳорату истеъдод, ки комёбиҳои баланди меҳнатӣ ва ғайраҳо);

48.5 подошҳо (иловапулии фоизҳо) барои хизмати собиқаи корӣ (иловапулӣ барои собиқаи корӣ аз рӯи тахассус дар хоҷагии мазкур);

48.6 пардохтҳои иловагӣ барои рухсатӣ, дар амалияе, ки кӯмаки моддӣ ном дорад.

49. Пардохтҳои ҷубронпулӣ (кӯмакпулӣ), ки ба речаи кор ва шароити кор вобастаанд;

49.1 пардохтҳое, ки ба танзими музди кори ноҳиявӣ мувофиқ карда шудаанд;

- аз рӯи коэффитсиенти ноҳиявӣ ;

- коэффитсиенти музди меҳнат дар биёбон, маҳалҳо ва минтақаҳои беоб, дар баландкӯҳҳо;

- иловапулӣ ба музди кор барои собиқаи кории давомдор дар ноҳияҳои шароитҳои табиӣ ва иқлимашон вазнин;

49.2 иловапулӣ барои шароити меҳнат (барои кор дар шароитҳои вазнину зараровар, инчунин дар шароитҳои махсусан вазнин ва зараровари мехнатӣ);

49.3 иловапулӣ барои кори вакти шабона, барои кори реҷааш бисёрбаста (бисёрсмена);

49.4 иловапулӣ ба музди кор барои ҳар шабонарузӣ, ки аз лаҳзаи аз кор рафтан ва бозгашт ба маҳалли ҷой гирифтани корхона, ки дар он корманд кор мекунад-корманди алоқа, роҳи оҳан, дарёӣ, нақлиёти автомобилӣ ва шоҳроҳҳои сангфарш ва ба дигар кормандоне, ки кори доимии онҳо дар роҳҳо ё хусусияти гузаргоҳҳо доранд;

49.5 иловапулӣ барои корҳои хусусияти гузаргоҳ ва серҳаракат барои кормандоне, ки бевосита дар сохтмон машғуланд, дар таҷдиду азнавсозӣ ва таъмири асосӣ, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои усули навбатдорию посбонӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд;

49.6 маблағе, ки ба андозаи ставкаи тарифӣ (ҳангоми иҷрои корҳои навбатдорию посбонӣ) пардохта мешаванд, маош барои рузҳои дар роҳ аз маҳалли ҷой гирифтаи корхона (маҳалли ҷамъшавӣ) ба ҷои кор ва бозгашт, ки дар ҷадвали кори навбатдорию посбонӣ пешбинӣ шудааст, ҳамчунин барои рӯзҳо дар роҳ маътал шудани кормандоне, ки аз рӯи шароитҳои обу ҳаво ва бо гуноҳи ташкилоти нақлиётӣ маътал шудаaанд;

49.7 иловапулӣ ба кормандоне, ки дар корҳои зеризаминӣ доимӣ машғул мебошанд, барои вақти меъёри ҳаракати рафту омади онҳо дар конҳои маъдан аз даромадгоҳ то ҷои кор ва бозгашт;

49.8 таъиноти саҳроӣ;

49.9 сафархарҷи шабонарӯзӣ дар вақти сафарҳои хизматӣ (пардохт барои сафар-рафту омад, меҳмонхона ба музди кор дохил карда намешаванд, (ниг. ба банди 92);

49.10 пардохт барои кори рӯзҳои истироҳат ва ҷашну идҳо (рӯзҳои ғайрикорӣ) барои кору вақти иловагӣ;

49.11 пардохт ба кормандон барои рӯзҳои истироҳатӣ, ки ба онҳо ба сабаби кори иловагии вақти кори муқаррарии давомдор ва ҳангоми корҳои навбатдорию посбонӣ, дар вақти баҳисобгирии ҷамбастии вақти корӣ ба дигар мавридҳое, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, пардохта мешавад.

50. Ҷубронпулӣ ба ивази имтиёзҳои иҷтимоии ҷудогона:

50.1 Ҷубронпулӣ барои қиматшавиии арзиши ғизо дар ошхонаҳо, буфетҳо дар беморхонаҳои пешгирии касалиҳо;

50.2 маблағи ҷубронпулӣ ба кормандони соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқ барои мувофиқи қонунгузории кафолат дода, пешниҳод накардани манзилии истиқоматӣ, хизматрасонии комуналӣ ва ғайраҳо.

**51. Пардохтҳои кафолатнок барои вақти кор карданашуда мувофиқи қонунгузорӣ:**

51.1 пардохти рухсатии ҳарсола ва иловагӣ, кӯмакпулӣ барои рухсатии истифода нашуда;

51.2 пардохти иловагӣ, ки аз рӯи қарордоди коллективӣ (илова аз пешгиришудаи қонунгузорӣ) ба кормандон рухсатӣ пешниҳод карда шудааст, аз он ҷумла ба заноне, ки ба тарбияи кӯдакон машғул аст;

51.3 пардохт барои қатъшавии кор, пардохти соатҳои имтиёзнок ва наврвсон;

51.4 пардохти вақти кори кормандоне, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ ҷалб карда шудаанд;

51.5 музди кори ҷои кори асосӣ ба кормандоне, ки ба корҳои кишоварзӣ ва дигар корҳо ҷалб карда шудаанд, ҳифз карда мешавад;

51.6 маблағе, ки дар вақти рухсати пеш аз оғози кори хатмкардаҳои омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ корхонаҳо мепардозанд;

51.7 пардохти фарқияти маоши кормандоне, ки аз дигар корхонаю ташкилотҳо ба кор кабул карда шудаанд, дар давоми ин мӯҳлати муайян маоши вазифавии ин ҷои кори пештараашон, инчунин муваққатӣ ҳифз карда мешаванд.

51.8 музди кори ҷои кори асосии коргарон, роҳбарон ва мутахассисони корхонаю ташкилотҳо ҳангоми таҳсилашон бо ҷудо шудан аз кор дар низоми баланд пардохтани тахассус ва кадрҳои омӯзгорӣ;

51.9 пардохти бекористӣ бо гуноҳи маъмурияти корхонаву ташкилотҳо;

51.10 маблағе, ки ба кормандон пардохта мешавад, ба ташаббуси маъмурият бо қисман ҳифз кардани музди корашон дар рухсатӣ қарор доранд;

51.11 изофапардохт ба кормандон дар ҳолатҳои корношоямӣ то пулкоркунии амалӣ;

51.12 пардохт ба кормандон - донорон барои рӯзҳои тадқиқот, супурдани хун ва истироҳат, ки баъди ҳаррӯзи хунсупорӣ пешниҳод карда мешаванд;

51.13 пардохт барои вақти ғайриҳозирии зарурӣ;

51.14 кӯмакпулиҳои истироҳатӣ дар ҳолатҳои қатъ кардани қарордод бо ташаббуси маъмурият аз сабаби мувофиқат накардани корманд дар иҷрои қарорҳо, ба сабаби хизмати ҳарбӣ даъват кардани корманд ва дигар ҳолатҳое, ки аз ихтиёри тарафҳо вобастагӣ надорад;

51.15 дигар намудҳои пардохт барои вақти кор карданашуда;

52. Музди меҳнати коргарони ихтисосманд, роҳбарон, мутахассисони корхонаю ташкилотҳо, ки аз кори асосӣ оғоз карда шудаанду барои тайёрӣ, бозтайёрӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандон, барои роҳбарии таҷрибаомузии истеҳсолии хонандаҳо ва донишҷӯён ҷалб карда шудаанд.

53. Пардохт барои истеҳсоли маҳсулот (кору хизмат) на бо гуноҳи корманд, нуқсондор эътироф шудааст.

54. Музди меҳнати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва касбию техникӣ, ки таҷрибаомӯзии истеҳсолиро дар корхонаҳо мегузаронанд, инчунин музди меҳнати хонандаҳои мактабҳои тахсилоти умумӣ дар давраи тамоюлоти ихтисос ё интихоби ихтисос.

55. Маблағи ҳисобкардашуда барои музди кори иҷро кардаи ашхосе, ки барои корҳои иҷрои корхонаҳо мувофиқи қарордоди махсуси ба ташкилотҳои давлатӣ (ҳамчун қувваи корӣ) ҷалб кардашуда чӣ бо пули нақд ба ин ашхос дода шуда бошад ва чӣ ба ташкилоти давлатӣ гузаронида шуда бошад.

56. Музди меҳнати шахсоне, ки мувофиқи фармон барои кор аз дигар корхонаҳо ҳамчун дуҷоякор қабул карда шудаанд.

57. Ҳаққи калом, ки ба корманди ғайрибаст ҳисоб карда шудааст (барои хондани маърӯза, баромад ба воситаҳои радио ва телевизор, барои тарҷума ва ғайраҳо).

58. Музди меҳнати кормандоне, ки дар басти (штати) қарор надоранд, барои иҷрои корҳои яквақта (таъмири асбоб, сафедкорӣ ва рангмолӣ, маслиҳати духтур дар муассисаҳои тиббӣ, корҳо оид ба озмоиш ва ғайраҳо); барои иҷрои корҳо оид ба бастани қарордодҳои хусусияти шаҳрвандию- ҳуқуқи дошта, аз ҷумла қарордодҳои қудратӣ, агар ба кормандон барои иҷрои кор бевосита худи корхона ҳисобу китобро анҷом диҳад. Дар ин маврид андозаи маблағ барои пардохти восита барои музди меҳнати ин кормандон бо назардошти аз бароварди (сменаҳои ) ин корҳо хизматҳо аз рӯи ин қарордод ва ҳуҷҷатҳои пардохт муайян карда мешавад.

### 6.2 Музди кор дар шакли натуралӣ

Ба музди кор дар шакли натуралӣ подошҳои зерин мансубанд:

59. Арзиши маҳсулоте, ки ба тартиби пардохти натуралӣ дода шаванд, тӯҳфаҳо (мукофотҳои натуралӣ);

тавзеҳот. Агар маҳсулот ройгон-бепул дода шуда бошад, дар он сурат бузургии музди кор ба арзиши ин маҳсулот пурра баровардааст, агар вай бо нархи паст пешниҳод шуда бошад, дар он сурат фарқи байни арзиши бо нархи паст фурӯхтани маҳсулот ва арзиши пурраи вай;

60. Арзиши бепул ба кормандон пешниҳодкардаи соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқ (мувофиқи қонунгузорӣ) хизматҳои коммуналӣ, ғизо, маҳсулот; харочот оид ба пардохт ба кормандон пешниҳод кардашуда мувофиқи қонунгузорӣ манзили истиқоматии бепул;

61. Арзиши имтиёз оид ба рафту омади кормандон бо нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, баҳрӣ, дарёӣ, нақлиётӣ, автомобилӣ ва нақлиёти барқии шаҳрӣ мувофиқи қонунгузорӣ;

62. Арзиши ашёҳои мувофиқи қонунгузорӣ бепул додашуда (аз ҷумла либосҳои формавӣ, таҷҳизот ба онҳо) ки барои истифодаи доимии шахсӣ қарор доранд, ё маблағи имтиёз ба нисбати ба онхо бо нархи арзон фурӯхташуда (ғайр аз хароҷотҳое, ки дар банди 95 нишон дода шудаанд);

63. Арзиши хати сайру сафари кормандон ва кӯдакони онҳо барои муоличаа, истироҳат, саёҳат ва сафари саёҳат аз ҳисоби маблағи корхона;

64. Пешниҳоди хӯрок ба кормандон дар ошхонаҳо, буфетҳо аз рӯи нархҳои имтиёзнок ё бепул (ғайр аз ғизои махсус барои категорияҳои алоҳидаи кормандон ба сабабҳое, ки дар қонунгузорӣ пешниход шудаанд;

65. Хароҷот оид ба товони фарқияти нархи ба маҳсулот (кору хизматҳо), ки корхонаҳо ба кормандон пешниҳод менамоянд ё хоҷагиҳои ёрирасон барои хӯроки умумии кормандони корхона хориҷ менамоянд;

66. Хароҷот оид ба пардохти хизмати дармонгоҳҳо аз рӯи қарордоде, ки ба мақомоти тандурустӣ барои пешниҳоди ёрии тиббӣ ба кормандони худ басташуда, пардохт барои таъминоти кӯдакони муассисаҳои томактабӣ аз ҳисоби маблағҳои корхона;

67. Хароҷот оид ба пардохти пули манзилҳои ба кормандон пешниҳод кардашуда, пардохти пули квартираҳо, ҷой барои хобгоҳ (ғайр аз нишон додаҳо дар бандҳои 60 ва 73;

68. Арзиши рафту омади кормандон ба ҷои кор ба нақлиёти истифодаи умум, хатту сайри махсус, бо нақлиёти идоравӣ;

69. Пардохтҳои суғуртавӣ (ҳаққи узвият), ки корхонаҳо аз рӯи қарордоди амволи шахсӣ ва суғуртаи амвол мепардозанду ба фоидаи кормандони худи корхонаҳо имзо карда шудаанд;

70. Дигар имтиёзҳо (пардохти муштариён ба гурӯҳҳои солимгардонӣ, ки дар бахшҳо, толорҳо, обунашавӣ ба рӯзномаю маҷаллаҳо, табобати мандатӣ ва ғайраҳо);

71. **Музди миёнаи номиналии меҳнати кормандон умуман дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва соҳавӣ** *бо роҳи тақсими фонди музди меҳнати ҳисобкардашудаи кормандони ҳайати рӯйхатӣ ( ҷӣ дар шакли пул ва ҷӣ дар шакли натуралӣ ), аз ҷумла музди кори дуҷоякорон ба шумораи кормандоне, ки барои ҳисоб карда баромадани музди миёнаи меҳнат ва дигар бузургиҳои миёна қабул карда шудаанд ва ба шумораи моҳҳои соли ҳисоботӣ, ҳисоб карда бароварда мешавад.*

*Дар сатҳи корхонаю ташкилотҳо музди миёнаи меҳнат барои ҳар як категорияи кормандон: шумораи миёнаи кормандон, шумораи кормандони дуҷоякорӣ беруна, шумораи кормандоне, ки корро тибқи қарордоди шаҳрвандию-ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, дар алоҳидагӣ ҳисоб карда мешавад.*

Тавзеҳот. Ҳангоми муайян намудани фондҳои аз андоз воридшуда ва дигар ҳисобу китобҳои молиявӣ, ки бо мақсади назорат намудани риояи қонунгузории андозситонӣ ба амал баровcurrently мешаванд, тавсия дода мешаванд, ки ҳисобу китоби музди миёнаи кор бо назардошти шумораи кормандон, аз ҷумла дуҷоякорон (банди13.3) ва кормандоне, ки корҳоро аз рӯи қарордодҳои басташудаи хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта, аз ҷумла қарордодҳои қудратӣ (дар банди 13.2 нишон додашуда) иҷро менамоянд, анҷом дода шавад. Ин кормандон ба шумораи вақти коркардашуда баробар ҳамроҳ карда мешаванд.

## 7. Пардохтҳо ва хароҷоти нигоҳдорӣ ва таъминоти қувваи корӣ, ки бо музди кор ҳамроҳ карда нашудаанд

Маблағҳое, ки дар зерфаслҳои 7.1-7.7 ҳисоб карда шудаанд ба музди кор ҳамроҳ карда намешаванд, вале қисмати арзиши хароҷот барои таъминоти қувваи корӣ мебошанд.

### 7.1 Хароҷоти корхона барои манзили кормандон

72. Хароҷот барои таъминоти нигоҳдории манзил (таъмири ҷорӣ, арзиши мебелҳо ва ғайраҳо);

73. Кӯмаки моддӣ, кӯмаки пулӣ, ки ба кормандон барои сохтмон, харидани манзил, беҳтар намудани шароити манзил, хароҷот барои адо кардани қарзи барои ин мақсадҳо ба кормандон додашуд ва ғайраҳо пешниҳод кардашуда;

Тавзеҳот. Хароҷоти корхона барои сохтмон харидани манзил барои кормандон бо назардошти талаботи пешниҳод карда ба омори «Низоми ҳисобҳои миллӣ» аз музди кор хориҷ карда шудаанд. Дар низоми ҳисобҳои миллӣ ин хароҷот ба сармояи трансфетҳои гирифтаи бахши хонаводаҳо («Ҳисоби амалиёт бо сармоя») дохил карда шудаанд.

### 7.2 Пулгузаронӣ ба фонди музди кор аз рӯи ҳамаи намудҳои суғуртаи иҷтимоӣ

74 Бо максади таъмини ёрдампулӣ ба кормандони худ ба сабаби касалӣ, маъюбӣ, бекорӣ, ба нафака рафтан ва ғайраҳо, корхонаҳо ба фонди музди меҳнат аз рӯи барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ пул мегузаронанд. Ба онҳо пулгузаронӣ ба фондҳои зерин таалук доранд:

- суғуртаи иҷтимоӣ;
- таъминоти нафақа;

- суғуртаи тиббӣ;
- дигар ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ;

**7.3 Ёрдампулии иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои корхона (хориҷ аз фондҳо[4]) (бе пардохтҳое, ки ба таҳсилоти касбии кормандон вобастаанд).**

75. Кӯмакпулиҳои содиршуда ба кормандони озодшуда ба сабаби кам шудани ҳаҷми кор ё тағйирот хусусияти кор (дар ҳолатҳои барҳамхурии корхона, ихтисор шудани шумора, бастҳо (штатхо) ва ғайраҳо, инчунин ба сабаби ҳодисаҳои ногаҳонӣ-нохушӣ дар истеҳсолот ё касалиҳои касбӣ) аз кор рафтани кормандон;

76. Маблағҳое, ки дар давраи ба кор даромадани кормандони аз кор озодшуда, ба сабаби ихтисор шудани шумора ё басти кормандон ё барҳамхурии корхона ҳисобкардашуда;

77. Иловапулӣ ба нафақаҳо, ёрдампулии яквақта ба нафақа рафтани собиқакорони меҳнат;

78.Ҷубронпулӣ, ки мувофиқи андозаи муқаррароти қонунгузорӣ ба заноне барои нигоҳубини кӯдакон то расидани синни онҳо ба соли муайянкардаи қонунгузорӣ қарор доранду пардохта шудаанд.

79. Кӯмаки моддӣ, ки дар ҳолатҳои муайян ба корманд расонида мешавад, хеч гоҳ ба кори иҷрокардаи ин корманд алоқа надоранд;

80. Кӯмакпулие, ки ба сабаби гум кардани қобилияти меҳнатӣ аз сабаби садамаи истеҳсолӣ (ҷуброн кардани зараре, ки ба саломатии корманд, дар вақти иҷрои ӯҳдадории меҳнат расонида шудааст).

**7.4 Хароҷот оид ба тайёр кардан ва аз нав тайёр кардани кадрҳо**

81. Пардохтҳое, ки ба таҳсилоти касбӣ алоқамандаанд (ғайр аз хароҷот барои музди кор, ки дар бандҳои 51.8 ва 52 нишон дода шудаанд;

- пардохти рухсати таълимӣ, ки ба кормандони таҳсилкунандаҳои муассисаҳои таҳсилоти шабона, ғоибона ва миёнаи махсус ва олӣ, дар аспирантураи ғоибона, дар муассисаҳои таҳсилоти шабонаи сменавии касбӣ - техникӣ, ки дар мактабҳои таҳсилоти умумии

---

[4] Пардохтҳои нишон додашуда, дар мавридҳои ҳолатҳои муайян, ки ба миқдори корҳои иҷрокардашуда алоқаманд нестанд, пешниҳод карда мешаванд. Дар низоми ҳисобҳои миллӣ онҳо «Ба таври шартӣ аъзоҳаққиҳои ҳисобкардашудаи иҷорагирандаҳо ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ» номида мешаванд. Дар фарқият аз кӯмакпулӣ, ки кормандон аз фонди суғуртаи иҷтимоӣ мегиранд, пардохтҳое, ки дар ҳамин банд ҳисоб карда шудаанд, аз ҳисоби маблағҳои корхона пешниҳод карда мешаванд.

шабона (сменавӣ) ва ғоибона, инчунин ба кормандоне, ки ба аспирантура дохил мешаванд, пешниҳод карда шудаанд;

- маблағҳое, ки корхонаҳо дар вақти рухсатӣ пеш аз оғози кор ба мутахассисони ҷавон, ки муассисаҳои таълимӣ, олӣ ё миёнаи махсусро хатм кардаанд, мепардозанд;

- стипендия ба донишҷӯён ва хонандаҳое, ки корхонаю ташкилотҳо барои таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус фиристодаанду аз ҳисоби маблағҳои корхона пардохта мешаванд;

82. Хароҷот барои ташкили ҷараёни таҳсил (маводҳои таълимӣ, иҷори бино, таъмири ҷорӣ ва ғайраҳо).

**7.5 Хароҷотҳо барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангию равшанамоӣ, солимгардонию беҳдоштӣ ва дигар чорабиниҳо**

83. Хароҷот барои таъмину нигоҳдории хизматҳои ошхона ва дигар хизматҳои оид ба хӯрок;

84. Иҷрои бино барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва чорабиниҳои варзишӣ;

85. Гузаронидани шабҳои истироҳатӣ, дискотек, намоишҳои саҳнавӣ (спетаклҳо), консертҳо, маърӯзаҳо, мубоҳисаҳою мулоқотҳо бо ходимони илму санъат, чорабиниҳои варзишӣ (мусобиқаҳои варзишӣ);

86. Хароҷот оид ба таъмину нигоҳдории нуқтаҳои тиббӣ, китобхонаҳо, табобатхонаҳои пешгирии касалиҳо, санаторияҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва дигар муассисаҳои ҳифзи сиҳату беҳдоштӣ, ки дар тавозуни корхона ё дар шароитҳои иштироки ҳиссавӣ қарор доранд;

87. Ҷубронпулӣ барои қимат шудани арзиши хӯроки кӯдаконе, ки дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ, санаторияҳо ва лагерҳои солимгардонию беҳдоштӣ қарор доранд;

88. Хароҷот барои харидани костюмҳои театрӣ барои иштирокчиёни худ фаъолияти бадеӣ, либосҳои варзишӣ, асбобу анҷоми варзишӣ ё пардохти пули кироя;

89. Хароҷот оид ба ташкили кружокҳо, курсҳо, толорҳо, донишгоҳҳои халқӣ, факултаҳо, намоишҳо-фурӯши маснуоти худфаъолияти эҷодӣ, ярмаркаҳо, хонаҳои бозӣ барои кӯдакон ва ғайраҳо;

90. Хароҷот оид ба ободонии боғпарварии рафиқона (сохтмони роҳ, энергию обрасонӣ, хушк кардан ва дигар хароҷоти хусусияти умумидошта) оид ба сохтмони гаражҳо.

**7.6 Дигар пардохтҳо ва хароҷот барои нигаҳдории қувваи корӣ**

91. Хароҷоти сафарҳои хизматӣ дар вақти сафарҳои хизматӣ дар ҳудуди муайян кардани меъёрҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ ва изофа аз вақти муайяншуда (бе хароҷоти шабонарӯзӣ);

92. Адо кардан ва боз гардонидани хароҷоти вобаста ба аз як кор ба кори дигар гузаронидан, фиристодан ва ба кор қабул кардан ба дигар маҳал;

93. Ҷубронпулӣ барои истифодаи автомобили шахсӣ барои рафту омадҳои хизматӣ дар ҳудуд ва изофа аз меъёрҳои муқаррар кардани қонунгузорӣ;

94. Маблағҳои миёнаи музди кор, ки дар ҷои кори асосӣ ба андозаи дар Қарори Ҳукумат пешбинӣ шуда, ба ивази хароҷоти шабонарӯзии ҳаққи квартира барои кормандони барои ҷамъоварии ҳосил ва тайёр кардани хӯроки чорво ё барои иҷрои корҳои васлкорӣ, танзимгарӣ ва сохтмон фиритодашуда;

95. Арзиши либосҳои махсуси додашуда, пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, собун ва дигар маводи шустушӯӣ, воситаҳои безараргардонӣ, шир ва хӯроки табобатию пешгирикунандаи касалӣ ё баргардонидани хараҷоти кормандон барои харидани либосҳои махсус, пойафзоли махсусашон ва дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ дар мавридҳое, ки агар маъмурият онҳоро дода натавонанд.

**7.7 Дигар намудҳои даромади кормандон (ки ба масрафи таъминоти қувваи корӣ ҳамроҳ карда нашуданд)**

96. Кӯмакпулӣ оид ба суғуртаи иҷтимоӣ: муваққатан корношоям будан, ҳомиладорӣ ва таваллуд, ҳангоми таваллуди кӯдак, оид ба нигоҳубини кӯдак, барои кӯдакони оилаҳои камтаъмин; баргардонидани музди кор ва дигар хароҷот дар ҳолати зарар расонидан ё дигар захирадоршавии саломатии кормандон ва дигар пардохтҳо аз фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди нафақа ва дигар фондҳои ғайрибуҷетӣ;

97. Пардохти ҷубронпулӣ барои нон ва дигар маҳсулот мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

98. Даромадҳое, ки кормандон дар намуди маблағ гирифтаанд, маблағи гузаронидашуда ба пардохти саҳмияҳо ва пасандозҳои аъзоёни коллективи меҳнатӣ ва амволи корхона (даромадҳо аз саҳмҳо, фоизҳо);

99. Ҳаққи қалами муаллиф (гонорар);

100. Подош барои ихтироъкорӣ, кашф ва таклифҳои ратсионализатсия.

## 8. Қарздории муҳлаташ гузашта оид ба пардохти музди кор

101. Қарздории муҳлаташ гузашта оид ба пардохти музди кор аз рӯи вазъияти охири (ё аввали) ҳар моҳ муайян карда мешавад. Қарздориро нишон медиҳанд:

- барои як моҳ;
- аз аввали сол;
- маблағи умумии қарздорӣ бо назардошти солҳои гузашта.

Дар назар дошта мешавад, ки музди кор барои моҳи ҳисобот дар аввали моҳи оянда пардохта мешавад, ҳисоботи оморӣ оид ба қарздории муҳлаташ гузашта аз рӯи музди кор низ дар аввали моҳ тартиб дода

мешавад. Бинобар ин қарздории муҳлаташ гузашта аз пардохти музди кор барои як моҳ барои моҳи ҳисоботии қаблӣ нишон дода мешавад.

102. Барои корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои буҷетӣ, қарздории муҳлаташ гузашта аз пардохти музди кор аз буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо (давлатӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ) нишон дода мешавад.

Қарздории муҳлаташ гузашта аз рӯи музди кор ҳамон қарздорие ба ҳисоб меравад, ки амалан ба кормандон маблағи музди кор ва ба пул таъмин кардани кормандон ҳисоб карда гузаронида шудаасту аммо дар муҳлате, ки қарордоди колективӣ ё қарордоди ҳисобу китоби хазинавии хизматрасонӣ, ки бо бонк аҳд карда имзо шудааст (бо хазинаи ҳисобу китоби марказӣ), аз ҷумла бақияи қарздории гузаранда, ки дар санаи ҳисобот адо карда нашудааст (бо назардошти андозҳо ва дигар пулнигоҳдориҳо мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон) пардохт нашудаанд. Шумораи рӯзҳои маъталкунии пардохти музди кор аз рӯзи оянда баъди анҷом ёфтани ин муҳлат ҳисоб карда мешавад.

Агар рӯзи охирони муҳлат ба рӯзи ғайри кори рост ояд, дар дар он сурат ҳатми муҳлати пардохт муҳлати наздиктарини оянда ба онҳо рӯзи корӣ ҳисоб карда мешавад. Ба маблағи умумии қарздории муҳлаташ гузашта аз рӯи музди кор барои ҳамаи рӯзҳои рухсатӣ рухсатиҳо ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба маблағи қарздории муҳлаташ гузашта аз рӯи музди кор қарздорие, ки ба санаҳои дохили моҳ гузаронида шудааст (пешпардохт-аванс) дохил карда намешавад. Ба ин маблағ ҳамчунин маблағи қарздории кадом як давраи вақт оид ба андоз аз даромади ашхоси воқеӣ ҳамроҳ карда намешавад, дар сурате, ки агар қарздории ташкилот аз рӯи музди кормандон аз байн бурда шуда бошад.

Қарздории мӯлаташ гузашта аз рӯи музди кор дар моҳи охирини тақвимӣ қарздории муҳлаташ гузаштаро аз рӯи музди гузаронидашудаи кор инъикос менамояд, ки танҳо дар моҳи охирини тақвимӣ (яъне барои рӯзҳои аз 1 то 30 ё 31, дар моҳи феврал то 28 ё 29) гузаронида шудааст, дар рӯзҳое, ки пулгузаронӣ ба музди кор анҷом дода шудааст. Дар ин маврид ба маблағи қарздории муҳлаташ гузашта қарздорӣ аз рӯи маблағи гузаронидашуда барои рухатӣ, ки ба рӯзҳои моҳи тақвимӣ рост омадааст, ҳамроҳ карда мешавад.

Қарздории мӯҳлаташ гузашта аз рӯи музди кор аз сабаби мавҷуд набудани маблағгузорӣ (пурра нагардидани маблағгузорӣ) аз буҷети ҳамагуна сатҳ-қарздорӣ аз музди кори кормандон чӣ ташкилотҳои тиҷоратӣ ва чи ғайри тиҷоратӣ, ки аз сабаби мавҷуд набудани маблағгузорӣ (пурра маблағгузорӣ нашудан) аз буҷети ҳамагуна сатҳ ба вуҷуд омадааст.

Шумораи кормандони ҳайати рӯйхат ва ғайрирӯйхат, дар назди онҳое, ки ташкилотҳо оид ба музди кор қарори муҳлаташ гузашта доранд, ҳамаи кормандони ҳайати рӯйхат ва ғайри рӯйхатро, инчунин кормандони дуҷоякори беруна ва коррафтаро то ба ҳолати санаи якуми

моҳ, ки ташкилотҳо дар назди онҳо аз рӯи музди кор қарздории муҳлаташ гузашта доранд, дар бар мегирад.

**9. Истифодаи вақти корӣ**

Ҳангоми пур кардани маълумотҳои мушоҳидаҳо дар шаклҳои ҳисоботҳои омори давлатӣ зери унвони вақти корӣ давомнокии вақт дар давоми вақти корие, ки корманд ба таври ҷисмонӣ ва фикрӣ корро иҷро менамояд, фаҳмида мешавад.

Нишондиҳандаҳои истифодаи вақти корӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирифтаи истифодаи вақти кори кормандон дар шакли ҳисоботӣ пур карда мешавад.

Ба миқдори одам-соати кор кардашуда амалан соатҳои коркардаи кормандон бо назардошти изофакорӣ, корҳои рӯзҳои ҷашнӣ (ғайри корӣ) ва рӯзҳои истироҳатӣ (мутобиқи ҷадвали тақвимӣ) чӣ дар кори асосӣ ва чӣ дар кори якҷоя (мансаб) дар ин ташкилот, аз ҷумла соатҳои корӣ дар сафарҳои хизматӣ дохил карда мешавад.

Ба одам-соатҳои коркардашуда ҳамроҳ карда намешаванд:

вақтҳое, ки кормандон дар рухсатҳои таҳсилӣ, рухсатҳои бо ташаббуси корхона ё маъмурият қарор дошта;

вақтҳои беморӣ

вақтҳои бозистии дохилӣ (смена);

соатҳои танаффус дар кор барои макондани кӯдак;

соатҳои ихтисор кардан корҳои давомдори кормандоне аз 18 сола ҷавонтар;

вақтҳои иштирок дар корпартоӣ;

дигар ҳолатҳои ғоиб будани кормандон дар коре, ки сарфи назар аз он ки бароятон музди кор ҳифз мешаванд ё не.

Миқдори миёнаи одам-соати коркардашуда бо тақсими миқдори умумии одам- соати кор кардашудаи кормандон дар давраи ҳисобот ба шумораи миёнаи категорияҳои дахлдори кормандон дар ҳамин давра ҳисоб карда мешавад.

Ба микдои соатҳои изофӣ кор кардашуда соатҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд тибқи боби 5 моддаҳои 60-74-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар шудааст барои давомнокии вақти мӯътадили корӣ ва изофагӣ мебошанд, аз ҷумла соатҳои дар рӯзҳои истироҳатӣ (мутобиқи ҷадвал-тақсим) ва рӯзҳои ҷашн-ид (ғайри корӣ) агар ба онҳо дигар рӯзи истироҳат, инчунин соатҳое, ки аз шумораи мӯътадили изофаи соатҳои кории дар давраи ҳисобот кор кардашудаанд, ҳангоми ҳисоби ҷамъбасти вақти корӣ, новобаста аз мавҷуд будани иҷозат барои изофакории корҳо ва пардохти музди кор ба онҳо пешниҳод карда нашуда бошад.

Дар ҳолатҳои зерин ба соатҳои вақти корӣ изофагӣ ҳамроҳ карда намешавад: агар мутобиқи ҷадвал дар натиҷаи ихтисор кардани шумораи ба кор баромадан давомнокии рӯзи корӣ муқарар карда шуда

бошаду аз кори мӯътадил барзиёд бошад. Барои кормандон бо ҷамъбасти ҳисоби корӣ, ки кормандон дар ташкилотҳои соҳаҳои алоҳида кор мекунанду дар онҳо аз рӯи шароитҳои истеҳсолот кор кардан ғайриимкон аст, дар рӯзҳои рухсатӣ истироҳатӣ ва ҷашну ид (ғайри корӣ) кори нақлиёт истгоҳои барқӣ, обтаъминкунӣ ва ғайраҳо қатъ карда шудаанд, вақти кор аз рӯи ҷадвал, ки ба рӯзҳои истироҳат ва ҷашну ид (ғайрикорӣ) рост меоянд, соатҳои изофакорӣ вуҷуд надорад ва ба миқдори вақти кори кор карда шуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Шумораи соатҳое, ки изофи кор карда шудаанд, барои кормандон аз рӯи моҳҳо (ҷамъбастшуда) бо назардошти вақти корӣ ҳамчун фарқияти байни соатҳои амал кор кардашуда дар давраи ҳисобот ва шумораи соатҳои муайян карда мешавад, соатҳое, ки аз рӯи меъёри моҳонаи вақти корӣ кор кардан зарур аст. Ҳнгоми кори нопурраи давраи ҳисобот меъёри моҳона вақти корӣ мутобиқан кам мешавад.

Миқдори одам-соат, ки кормандон кор накардаанд (нисбат ба ҳафтаи кори давомноки муқарраршуда) ба сабаби гузаронидани онҳо ба кори вақти нопурраи корӣ бо ташаббуси маъмурият, ҳамчун ҷамъи соате, ки ҳар кадом корманд аз рӯи ин сабаб дар давраи ҳисобот кор накардааст, муайян карда мешавад. Баҳисобгирии вақти кор кардашуда дар давоми давраи ҳисобот танҳо аз рӯзҳои корӣ амалии имконпазир (бе рухсатҳои ҳарсола) таҳсилот ва ғайраҳо, рӯзҳои ба кор ҳозир нашудан дар рӯзҳои истироҳати ва ҷашну ид (рӯзҳои ғайрикорӣ ва ғайраҳо) пеш бурда мешавад.

Миқдори одам-соати рухсатҳо бо ташаббуси маъмурият (бе рӯзҳои истироҳати ва ҷашну ид, рӯзҳои ғайрикорӣ); рухсатҳои бе ҳифзи музди кор, ки тибқи бобби 6 моддаҳои 84 -100[1] и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, бо хоҳиши худи кормандон пешниҳод карда шудаанд; касалиҳо мувофиқи варақаи корношоямӣ (беморӣ, ки ба рӯзҳои кори тақвимӣ рост меоянд) ҳамчун ҷамъи рӯзҳои рухсатии нишон додашуда ё бемории ҳар як корманд, ки дар давраи ҳисобот инчунин рӯзҳоро дорад, муйян карда мешаванд.

Раёсати омори демографӣ,
шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ